Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волояти қонун

# Садои мардум

| Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | №9 (2836) | ҶУМЪА, 20 ЯНВАРИ СОЛИ 2012 | Соли бисту дуюми нашр | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад |
|---|---|---|---|---|





# Ватан аз мову шумо кору пайкори содиқона ва амалҳои неку созандаро интизор аст

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН дар маҷлиси васеи Ҳукумати Тоҷикистон доир ба ҷамъбасти натиҷаҳои рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат дар соли 2011-ум ва вазифаҳо барои соли 2012

*ш. Душанбе, 18 январи соли 2012*

**Мӯҳтарам аъзои Ҳукумат!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Соли 2011 дар ҳаёти сиёсӣ ва иҷтимоиву иқтисодии кишвар ҳамчун соли таърихӣ нақши барҷаста боқӣ гузошт. Истиқболи ҷашни бистумин солгарди Истиқлолияти давлатии Ватани азизамон ва ба истифода додани садҳо иншооти хурду бузурги таъиноти гуногун боиси боз ҳам афзудани иқтидори иқтисодии кишварамон ва болоравии сатҳи зиндагии мардум гардида, ба рушди минбаъдаи давлатамон тақвият бахшид.

Мо бояд раванди созандагиву бунёдкориро минбаъд низ ҳадафи асосиамон қарор дода, истифодабарии самараноки ҳамаи воситаву захираҳои мавҷударо барои идома додани корҳои созандагӣ, рушди устувори иқтисодӣ, ободии диёр ва таҳкими имкониятҳои воқеии кишварамон таъмин намоем.

Дар шароити кунунӣ яке аз мушкилоти ҷиддие, ки мамолики мутараққии ҷаҳонро ба ташвиш оварда, раванди рушди онҳоро осебпазир гардонидааст, бӯҳронҳои пай дар пайи молиявию иқтисодӣ мебошад. Ин раванд ба муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ халали ҷиддӣ расонида, низоми мавҷудаи иқтисоди ҷаҳониро заифу коста мегардонад.

Илова бар ин, як қатор қазияҳои дигар, аз қабили болоравии нархи сӯзишворию озуқаворӣ дар бозорҳои минтақавию ҷаҳонӣ, коҳиши рӯзафзуни захираҳои табиӣ, тағйирёбии иқлими сайёра ва ба вуқӯъ омадани офатҳои табиӣ, аз ҷониби дигар афзоиши аҳолӣ ва авҷ гирифтани сатҳи бекорӣ дар арсаи ҷаҳон, инчунин дигар мушкилот дар баъзе манотиқи олам вазъи иҷтимоиву иқтисодии глобалиро душвор сохта истодаанд.

Омилҳои мазкур ба раванди татбиқи ҳадафҳои стратегии кишварамон, ки ҳамчун иқтисоди кушод як ҷузъи иқтисоди ҷаҳонӣ мебошад, бетаъсир намемонанд.

Ҳукумати мамлакат дар асоси афзалиятҳои муайянгардида ва ҳадафҳои стратегии кишвар дар роҳи ба даст овардани истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ пайваста азму талош дорад, ки ҳадафи ниҳоии онҳо таъмини рушди босуботи иқтисодӣ ва зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ мебошад.

Таҳаввулоту тамоюлҳое, ки фазои иқтисодии ҷаҳони муосирро фаро гирифтаанд, ба роҳ мондани ҳисобу китоби аниқ, шаффофият ва истифодаи сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ, ҳар чӣ бештар ба кор андохтани захираву имкониятҳои дохилиро дар ҳамаи соҳаҳо тақозо дошта, аз ҳамаи сохторҳои давлатӣ ва ҳар як фарди ҷомеаи кишвар дар кору фаъолияти ҳаррӯза дарки масъулиятшиносӣ ва муносибати боз ҳам ҷиддиро талаб мекунанд.

Зеро таъмини суботи иқтисодиву рушди устувор ва мӯътадил нигоҳ доштани вазъи иҷтимоии мардум дар чунин шароити ҳассос аз иштироки фаъолона ва саҳми бевоситаи ҳар як узви ҷомеаи кишвар, махсусан роҳбарони тамоми шохаҳои ҳокимият ва ҳамаи хизматчиёни давлатӣ вобастагии калон дорад.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Чунонки аз ҳисоботҳои имрӯза бармеояд, дар натиҷаи татбиқи саривақтии чораҳои зарурӣ рушди устувори нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардид ва дар соли 2011-ум Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 2010-ум ба андозаи 7,4 фоиз афзоиш ёфта, 30,1 миллиард сомониро ташкил кард. Махсусан, даромади воқеии аҳолии мамлакат тадриҷан беҳтар гардида, соли 2011 нисбат ба соли 2010 беш аз 18 фоиз ва дар 5 соли охир зиёда аз 2 баробар афзоиш ёфт.

Соли 2011 рушди иқтисодиёт асосан аз ҳисоби зиёдшавии ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ (6 фоиз), кишоварзӣ (8 фоиз), гардиши савдои чакана (9 фоиз) ва афзудани хизматрасониҳо (беш аз 11 фоиз) таъмин карда шуд.

Дар баробари ин, соли сипаришуда нархи молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқа, инчунин хизматрасонӣ нисбатан боло рафта, сатҳи таваррум дар бозори истеъмолӣ 9,3 фоизро ташкил намуд.

Бо мақсади таъмини минбаъдаи рушди устувори иқтисодӣ, ноилшавӣ ба амнияти озуқавории мамлакат, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ташкилоту корхонаҳо ва ҳамаи хизматчиёни давлатӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати идома додани ислоҳоти идоракунии давлатӣ, татбиқи сифатноки барномаҳои рушди соҳавию маҳаллӣ ва дар ин замина таъмин намудани рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, истифодаи шаффоф ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, инчунин мубориза бо коррупсия тадбирҳои амалӣ андешанд.

Вобаста ба масъалаҳои зикршуда Вазорати рушди иқтисод ва савдоро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар вазорату идораҳо ҷиҳати идомаи ислоҳоти иқтисодӣ, кам кардани таъсири манфии бӯҳрони молиявию иқтисодии ҷаҳонӣ дар соли 2012 ва нигоҳ доштани рушди мӯътадили иқтисодиёти кишвар чораёни иҷрои барномаҳои рушди соҳавӣ ва маҳаллии мамлакатро мунтазам таҳлил намуда, барои амалӣ шудани онҳо чораҳои мушаххас андешад.

Ҳамчунин зарур аст, ки ҷиҳати устувор гардидани низоми иқтисодии мамлакат нисбат ба омилҳои беруна ва идомаёбии зуҳуроти бӯҳрони иқтисодӣ тадбирҳои мушаххас ва муассир андешида шаванд.

Илова бар ин, бо мақсади пешгирии таъсири манфии бӯҳрони молиявии ҷаҳонӣ ба иқтисодиёти кишвар ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо супориш дода мешавад, ки якҷо бо вазорату идораҳои мамлакат барномаи мушаххаси дастгирии фаровонӣ ва осудагии бозори истеъмолиро аз рӯйи намудҳои асосии маҳсулоти хӯрока таҳия намуда, ба Ҳукумати Тоҷикистон пешниҳод намояд.

Барои таъмини рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт зарур аст, ки пеш аз ҳама омилҳои истифодаи васеи имкониятҳои воқеии кишвар ва рушди соҳаҳои истеҳсолиро тавассути коркарди ашёи хоми ватанӣ ба инобат гирифта, корхонаҳои дорои технологияҳои ҳозиразамони коркарди маҳсулотро бунёд кунем ва барои таъмини фаъолияти муназзами онҳо дар самти рушди иқтидори содиротии мамлакат мусоидат намоем.

Аз ин рӯ, ба Ҳукумат ва вазорату идораҳои мамлакат, инчунин мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки ҷиҳати бунёди корхонаҳои истеҳсоли молҳои ниёзи мардум, аз ҷумла дар асоси васеъ ба роҳ мондани коркарди меваю сабзавот ва маҳсулоти чорво ва ба ин васила ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ ва афзун намудани иқтидори содиротии кишвар чораҳои судманд андешанд.

Дар ин самт, пеш аз ҳама вусъат бахшидани фаъолияти корхонаҳои коркарди нахи пахта, алюминий, маҳсулоти кишоварзӣ (дар навбати аввал меваю сабзавоти аз лиҳози экологӣ тоза) ва коркарди гиёҳҳои шифобахш бо истифода аз қувваи корӣ, нерӯи барқ ва ашёи хом, ки дар мамлакатамон нисбатан арзон мебошанд, метавонад ба афзоиши истеҳсоли маҳсулоти ватанӣ ва баланд бардоштани қобилияти рақобати он дар дохил ва хориҷи кишвар мусоидат намояд.

Дар баробари ин, диверсификатсияи истеҳсолотро ба роҳ монда, ҷиҳати замонавӣ гардонидани истеҳсолоти ватанӣ технологияҳои муосиру инноватсиониро ҳар чӣ бештар истифода ва татбиқ кардан зарур аст. Ин имконият медиҳад, ки молу маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ дар бозорҳои дохиливу ҷаҳонӣ рақобатпазир гардида, иқтидори содиротии мамлакат қавитару васеътар гардад.

Таҷрибаи кишварҳои пешрафта собит сохтааст, ки ба ҷараёни истеҳсолот ҳар чӣ бештар ҷалб намудани қувваи кории нисбатан баландихтисос ва технологияҳои инноватсионӣ аз бисёр ҷиҳат муфид аст.

Аз ин ҷиҳат Ҳукумати Тоҷикистон бояд масъалаи баланд бардоштани рақобатпазирии қувваи кориро дар бозори меҳнат ҳамчун самти афзалиятнок ва зудбоздеҳ мувофиқи имкон сармоягузорӣ намояд.

Бояд гуфт, ки дар сохтори Маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишвар соҳаи хизматрасонӣ ҳиссаи назаррас дошта, дар соли 2011-ум 44,7 фоизро ташкил додааст. Вобаста ба ин, дар самти тараққӣ додани хизматрасониҳои молиявию бонкӣ, ҷорӣ намудани хизматрасониҳои электронӣ, инчунин дар соҳаҳои коммуникатсияву алоқа ва бахшҳои иҷтимоӣ имкониятҳои зиёд мавҷуданд, ки истифодаи онҳо барои ташкили ҷойҳои нави корӣ ва баландшавии сифати хизматрасониҳо мусоидат менамояд.

Ҷиҳати кам кардани вобастагии иқтисоди миллӣ аз воридоти молу ашё ба мо зарур аст, ки ба масъалаҳои азнавсозии истеҳсолот ва ҷорӣ намудани технологияи пешқадами замонавӣ бештар аҳамият диҳем. Рушди сиёсати ивазкунандаи воридот бояд дар ду марҳала татбиқ шавад, яъне дар навбати аввал иваз намудани воридоти молҳое зарур аст, ки истеҳсоли онҳо дар кишвар аллакай ба роҳ монда шудааст ва иқтидорҳои рушди онҳо мавҷуданд, дар навбати дуюм бошад, бо роҳи тадриҷан андӯхтани сармоя барои ташкили истеҳсоли молҳои таъиноти истеҳсоливу техникӣ замина фароҳам оварда шавад.

Вобаста ба ин, сол ба сол афзоиш ёфтани таносуби манфии савдои хориҷӣ ва воридшавии маҳсулоти пастсифати молҳои ниёзи мардум, алалхусус молҳои озуқаворӣ ба бозори дохилӣ ба амнияти иқтисодии кишвар, махсусан саломатии аҳолӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон боиси нигаронии ҷиддӣ мебошад.

***...дар соли 2011-ум Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ нисбат ба соли 2010-ум ба андозаи 7,4 фоиз афзоиш ёфта, 30,1 миллиард сомониро ташкил кард. Махсусан, даромади воқеии аҳолии мамлакат тадриҷан беҳтар гардида, соли 2011 нисбат ба соли 2010 беш аз 18 фоиз ва дар 5 соли охир зиёда аз 2 баробар афзоиш ёфт.***

Дар соли 2011 гардиши савдои хориҷӣ дар мамлакат ба 21,5 миллиард сомонӣ баробар гардида, дар он ҳиссаи содироти молу маҳсулот 28 фоиз ва воридот 72 фоизро ташкил додааст. Яъне, дар соли 2011 фарқи воридот нисбат ба содирот 2,5 баробар зиёд буда, тавозуни манфии савдои хориҷӣ нисбат ба соли 2010 қариб 32 фоиз афзоиш ёфтааст.

Дар ин ҷода Ҳукумат ва вазорату идораҳоро зарур аст, ки ҷиҳати ҳар чӣ бештар афзоиш додани истеҳсоли маҳсулоти содиротиву воридотивазкунанда ва таъмини амнияти иқтисодии кишвар чораҳои амалӣ андешанд. Ба Вазорати рушди иқтисод ва савдо якҷо бо Хадамоти зиддиинҳисорӣ ва Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо супориш дода мешавад, ки ҷиҳати устувор нигоҳ доштани вазъи макроиқтисодӣ, пешгирӣ намудани болоравии сунъии нарх ва таъмини рақобати солим, инчунин таъмини ҳар чӣ бештари талаботи мамлакат бо маҳсулоти худӣ, пешгирии воридшавии маводи озуқавории бесифат ва ҳимояи ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон чораҳои зарурӣ андешад.

(Идома дар саҳ. 2)

## Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум



# Тасвиби созишномаҳо ҳамкориҳои байнидавлатиро тақвият мебахшанд

**19 январи соли 2012 таҳти раёсати Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шукурҷон Зуҳуров ҷаласаи навбатии Иҷлосияи сеюми Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон даъвати чорум баргузор гардид.**

Дар бораи рӯзномаи ҷаласа бо дарбаргирии масъалаҳои зерин Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд:

**1. Дар хусуси Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот баровардани Фелалиев А.С.»**

**2. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Фелалиев А.С.»**

**3. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Одинаев Ҳ.А.»**

**4. Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ баровардани Одинаев Ҳ.А.»**

**5. Дар хусуси Созишномаи Гурӯҳи ЕвроОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм**

**6. Дар бораи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя**

**7. Дар бораи Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва саромя**

**8. Дар хусуси Конвенсия оид ба эътирофи тахассусҳо мансуб ба таҳсилоти олӣ дар минтақаи Аврупо**

**9. Дар бораи Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Давлати Қатар оид ба ҳавасмандкунӣ ва кафолати сармоягузорӣ**

**10. Дар хусуси Созишнома дар бораи мубодилаи иттилоот дар соҳаи мубориза бар зидди ҷинояткорӣ**

**11. Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ».**

Масъалаҳои рӯзномаи ҷаласа – «Дар хусуси Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба корҳои байналмилалӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва иттилоот баровардани Фелалиев А.С.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба қонунгузорӣ ва ҳуқуқи инсон интихоб намудани Фелалиев А.С.», «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи пеш аз мӯҳлат қатъ гардидани ваколати вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Одинаев Ҳ.А.» ва «Оид ба лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи аз ҳайати Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷтимоӣ, оила ва ҳифзи саломатӣ баровардани Одинаев Ҳ.А.» дар алоҳидагӣ баррасӣ шуда, ҷиҳати тасдиқи онҳо *қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардиданд*.

**РАИС:** - «Дар хусуси Созишномаи Гурӯҳи ЕвроОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм» сухан ба раиси Бонки миллии Тоҷикистон Раҳимзода Шариф дода мешавад.

**Шариф РАҲИМЗОДА: -Мӯҳтарам Раис! Мӯҳтарам вакилони мардумӣ! Ҳозирини гиромӣ!**

Иҷозат диҳед доир ба зарурияти тасдиқи Созишномаи Гурӯҳи ЕвроОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм ба таври мухтасар маълумот диҳам.

Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Гурӯҳи ЕвроОсиё мебошад, ки ин созмон яке аз ташкилоти минтақавии Гурӯҳи татбиқи чораҳои молиявии мубориза бар зидди қонунигардонии даромадҳо (ФАТФ) буда, аз ҷониби панҷ давлати аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (Россия, Белоруссия, Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон) ва Ҷумҳурии Халқии Хитой 6 октябри соли 2004 дар шаҳри Москва (Федератсияи Россия) таъсис ёфтааст. Баъдан ба ин созмон дар давоми солҳои 2005-2010 дигар ҷумҳуриҳо, аз қабили Ӯзбекистон, Туркманистон ва Ҳиндустон шомил гардиданд.

Мақсади он расонидани ёрии амалӣ ба давлатҳои минтақа дар ташкил ва пешрафти системаи миллии чораҳо ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои аз фаъолияти ғайриқонунӣ бадастомада ва маблағгузории терроризм мебошад.

Дар асоси тавсияномаҳои ФАТФ Гурӯҳи Евроосиё назорати иҷрои конвенсияҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар конвенсияҳои байналмилалиро, ки ҳамаи давлатҳои аъзои Гурӯҳи ЕвроОсиё эътироф менамоянд, ба ӯҳда дорад.



Бахри таъмини амнияти иқтисодии минтақа ва ҳамаи низоми молиявӣ аз унсурҳои ҷиноятпеша давлатҳои аъзо дар нигоҳдории фаъолияти Гурӯҳи ЕвроОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм мувофиқи тавсияи 40-уми ФАТФ дар таъмини муносибатҳои хориҷӣ бояд ҳамкорӣ намоянд.

Вобаста ба ин, дар асоси Эъломияи таъсиси Гурӯҳи ЕвроОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз 6 октябри соли 2004 ва масъалаҳои салоҳияти гурӯҳи мазкур аз 6 октябри соли 2004 лоиҳаи Созишномаи Гурӯҳи ЕвроОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм дар мувофиқа, бо дарназардошти пешниҳодоти давлатҳои аъзои Гурӯҳи ЕвроОсиё ва вазорату идораҳои дахлдори ҷумҳурӣ, таҳия гардид. Лоиҳаи созишномаи мазкур бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 декабри соли 2010 таҳти №964 тасдиқ гардида, дар Ҷаласаи пленарии 14 Гурӯҳи ЕвроОсиё, ки 16 июни соли 2011 дар шаҳри Москва баргузор гардида буд, аз ҷониби аъзои гурӯҳи мазкур ба имзо расида, тибқи коргузорӣ барои тасдиқ ба давлатҳои аъзо ирсол карда шудааст.

Давлатҳои аъзо дар асоси созишномаи мазкур ӯҳдадориҳои байналмилалӣ ва қонунгузории хешро мутобиқ намуда, фаъолияти худро ҳамоҳанг месозанд, кӯшишҳои мақомоти давлатӣ, иттиҳодияҳо ва созмонҳои ҷамъиятӣ ва дигар иттиҳодияю ташкилотҳо, инчунин шаҳрвандонро бо мақсади мубориза дар ин соҳа муттаҳид месозанд.

Ҳамчунин созишномаи мазкур ба таъмини амнияти иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла назорати гардиши маблағҳои ғайриқонунии ба дастовардашуда ва маблағгузории терроризм, мусоидат менамояд.

Илова бар ин, дар мавриди маблағгузориҳои калон ба кишвар аз тарафи созмонҳои молиявии байналмилалӣ, ба мисли Хазинаи Байналмилалии Асъор, Бонки Умумиҷаҳонӣ ва Бонки Рушди Осиё ва ғайра диққати махсус ба риояи ин талаботҳо аз ҷониби кишвари маблағгиранда дода мешавад. Бинобар ин, барои Ҷумҳурии Тоҷикистон қабули ин созишнома ҷиҳати рушди он зарур аст.

Бо дарназардошти хусусияти байналмилалӣ доштани ин соҳа тасдиқ намудани созишномаи мазкур аз ҷониби Тоҷикистон эътибори кишварро баланд намуда, ба тақвияти ҳамкории байнидавлатӣ дар ин самт, рушди фазои сармоягузорӣ ва мутобиқати меъёрҳои дохилӣ ба меъёрҳои ҷаҳонӣ мусоидат хоҳад кард.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба муовини раиси Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният Холов Саттор дода мешавад.

**Саттор ХОЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, аъзои Раёсат ва вакилони гиромӣ!**



Созишномаи Гурӯҳи ЕвроОсиё оид ба муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тасдиқ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

(Идома дар саҳ. 3)

(Идома аз саҳ. 1)

Соли сипаришуда иҷрои буҷети давлатӣ дар сатҳи 101,5 фоиз таъмин гардида, ба он 8,5 миллиард сомонӣ ворид гардид, ки он нисбат ба соли 2010 -ум 1,9 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Бо вуҷуди таъсири омилҳои берунӣ мо тавонистем сиёсати фискалӣ, яъне андозу буҷетро дар сатҳи устувор нигоҳ дорем.

Агар тавозуни буҷети давлатӣ барои соли сипаришуда бо барзиёдии хароҷот нисбат ба даромад (дефитсит) ба маблағи 301 миллион сомонӣ ё як фоизи Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ тасдиқ шуда бошад, воқеан он бо профитсит, яъне барзиёдии даромад нисбат ба хароҷот ба маблағи 215 миллион сомонӣ ҷамъбаст гардид, ки ин дар давраи имрӯзаи номусоидии бозори молиявии ҷаҳонӣ ҳамчун натиҷаи мусбат арзёбӣ мегардад.

Дар натиҷа, ӯҳдадориҳои буҷети давлатӣ оид ба ҳифзи иҷтимоӣ, аз ҷумла зиёд намудани музди меҳнати кормандони соҳаи буҷетӣ, маблағгузории ҳамаи чорабиниҳои афзалиятноки дар буҷет пешбинишуда пурра таъмин карда шудааст.

Бояд зикр намуд, ки бо вуҷуди барзиёд иҷро гардидани буҷети давлатӣ дар ин давра на ҳамаи захираҳои мавҷудаи молиявӣ ба буҷет ҷалб гардидаанд. Таҳаввулоту дигаргуниҳои иқтисодиву молиявии кишварҳои ҷаҳон моро водор менамоянд, ки минбаъд низ дар баробари афзун намудани қисми даромади буҷети давлатӣ ва маблағгузории аввалиндараҷаи соҳаҳои иҷтимоӣ ба масъалаи истифодаи сарфакорона ва самараноки маблағҳои буҷети давлатӣ ва пешгирӣ намудани хароҷоти ғайримақсадноки он аҳамияти ҷиддӣ диҳем.

Бинобар ин, Вазорати молия якҷо бо Кумитаи андоз ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати сари вақт ва босифат таъмин намудани нишондиҳандаҳои қисми даромад ва хароҷоти буҷет, кам кардани бақияпулиҳои андоз ва роҳ надодан ба пайдоиши бақияпулиҳои нав чораҳои таъхирнопазир андешад.

Илова бар ин, Вазорати молияи мамлакатро зарур аст, ки:

- дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ҷиҳати паст кардани таъсири манфии омилҳои беруна ба иқтисоди миллӣ чораҳои зарурӣ андешида, дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин барномаи сиёсати андозу буҷетро оид ба пешгирии таъсири омилҳои беруна қабул ва амалӣ созад;

- оид ба фароҳам овардани шароити мусоид барои ташкили бозори коғазҳои қиматнок, аз ҷумла ташкили инфраструктураи он, пурзӯр намудани салоҳияти назоратии мақоми ваколатдори бозори коғазҳои қиматнок ва таъмини риояи талаботи қонунгузории мамлакат чораҳои зарурӣ андешад;

- якҷо бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати пурра татбиқ намудани стандартҳои байналмилалии баҳисобгирии молиявӣ тадбирҳои мушаххасро амалӣ намояд;

- бо мақсади ташкил намудани шабакаи ягона ва дуруст ба роҳ мондани табодули электронии маълумот байни мақомоти молия, андоз, гумрук, бонкҳо ва дигар соҳаҳо гурӯҳи кории байниидоравӣ таъсис дода, ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур дар мӯҳлатҳои кӯтоҳтарин чораҷӯйӣ намояд;

- бо дарназардошти зарурати пурқувват намудани омилҳои рушд бо роҳи дастгирии фаъолияти иқтисодии субъектҳои соҳибкорӣ тавассути бартараф намудани монеаҳои маъмурӣ, таъмини шаффофият ва кам кардани гаронии андозҳо ҷиҳати оммафаҳму содда гардонидани лоиҳаи Кодекси нави андоз ва дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намудани он чораҳои бетаъхир андешад.

Бояд зикр кард, ки дар фаъолияти Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук дар самти баҳисобгирии пурраи манбаъҳои андоз, пешгирӣ намудани рӯйпӯшкунии андоз, бақайдгирӣ ва барасмиятдарории пардохтҳои гумрукӣ ҳоло ҳам камбудиҳои зиёд ҷой доранд.

Бинобар ин, зарур аст, ки Кумитаи андоз ва Хадамоти гумрук фаъолияти худро дар ин самт боз ҳам пурзӯр намуда, ҷиҳати ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ чораҳои таъсирбахш андешанд.

Ҳамзамон бо ин, дар масъалаи пардохти андози иҷтимоӣ, дуруст ба роҳ мондани баҳисобгирӣ ва ҷамъоварии он, таъиноти нафақа, ҳамоҳанг сохтани ҳамкории байни Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва мақомоти андоз камбудиву норасоиҳо ҷой доранд, ки ин ба пардохти саривақтии нафақапулиҳо монеа эҷод менамояд.

Дар баробари ин, корхонаҳое ҳастанд, ки шумораи коргарон ва музди меҳнати онҳоро кам намудаанд, ки дар натиҷа чунин ҳолат ба кам шудани андози иҷтимоӣ ва мутаносибан маҳдуд гаштани манбаи таъмини чорабиниҳои ҳифзи иҷтимоӣ оварда мерасо-

# Ватан аз мову шумо кору пайкори содиқона ва амалҳои неку созандаро интизор аст

над. Ин ҳолат дар аксар шаҳру ноҳияҳои кишвар ба мушоҳида мерасад.

Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилоту корхонаҳо, сарфи назар аз шакли моликияташон, вазифадор карда мешаванд, ки ҷиҳати нигоҳ доштани ҷойҳои корӣ, ҳамзамон бо ин зиёд намудани шумораи коргарон ва баланд бардоштани музди меҳнати онҳо пайваста чораҷӯйӣ намоянд ва дуруст инъикос намудани ин нишондиҳандаҳоро дар ҳисобдории муҳосибии корхонаҳо, ҳисоботи оморӣ ва андоз назорат кунанд.

Илова бар ин, ба Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Агентии давлатии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақа ва Кумитаи андоз супориш дода мешавад, ки оид ба ҳалли ин масъала таҳлили ҳамаҷониба гузаронида, барои бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, пурра ҷамъоварӣ намудани андози иҷтимоӣ ва сари вақт пардохт намудани нафақа чораҳои зарурӣ андешанд ва аз натиҷаи он ҳар семоҳа ба Ҳукумати мамлакат маълумот пешниҳод намоянд.

Аз ҷониби дигар, Хадамоти давлатии ташхиси тиббии иҷтимоиро зарур аст, ки ҷиҳати таъмини шаффофият, аз байн бурдани ҳолатҳои беасос муқаррар намудани нафақаи маъюбӣ ва пешгириву бартараф намудани камбудиҳои дигар чораҷӯйӣ намуда, якҷо бо вазоратҳои меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, молия ва тандурустӣ оид ба мукаммал гардонидани низоми мазкур ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод манзур намояд.

Соли 2011 дар фаъолияти мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва дигар соҳаҳо низ норасоиву камбудиҳо ошкор гардидаанд. Аз ҷумла пурра истифода нашудани имкониятҳои дохилии истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир, сатҳи пасти коркард ва содироти маҳсулоти тайёр, торафт зиёд шудани бақияпулиҳои андоз ва чандин омилҳои дигар ба рушди иқтисодиёт ва ҳалли саривақтии масъалаҳои иҷтимоӣ таъсири худро расонида истодаанд.

Аз ин рӯ, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифадоранд, ки бо мақсади таъмини рушди мунтазами соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ҷиҳати дастгирии ташаббусҳои созандаи соҳибкорон ва молистеҳсолкунандагони ватанӣ, таъмини ӯҳдадориҳо дар назди буҷети давлатӣ, кам намудани бақияпулиҳои андоз ва пардохти саривақтии онҳо тадбирҳои заруриро амалӣ гардонанд.

Илова бар ин, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ ва Вазорати молияро зарур аст, ки якҷо бо вазорату идораҳои соҳавӣ иҷрои саривақтӣ ва сифатноки лоиҳаҳои муштараки сармоягузориро таъмин намуда, фаъолияти марказҳои татбиқи лоиҳаҳоро зери назорати қатъӣ қарор диҳанд.

Сиёсати иқтисодии давлат дар самти муносибатҳои пуливу қарзӣ бояд ба ҳавасмандсозии бахши воқеии иқтисодиёт ба истифодаи қарз барои ташкили истеҳсолоту ҷойҳои нави корӣ бо роҳи паст кардани фоиз ва содда кардани механизми гирифтану баргардонидани он нигаронида шавад. Чунин сиёсат имкон фароҳам меорад, ки маблағҳои пулии озод барои навсозии иқтидорҳои истеҳсолии ивазкунандаи воридот сафарбар карда шаванд.

Ҳукумати кишвар пайваста талош дорад, ки бахши хусусиро дастгирӣ намуда, ҷиҳати беҳтар гардидани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ мусоидат намояд, то ки сармояи мустақими ватаниву хориҷӣ дар раванди рушди иқтисодии кишвар ҳар чӣ бештар саҳмгузор бошад.

Фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар сол аз сол вусъат пайдо намуда, ҳиссаи бахши хусусӣ дар ҳалли масъалаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат назаррас гардида истодааст.

Махсусан соли 2011 дар арафаи ҷашнгирии 20 - солагии Истиқлолияти давлатии кишвар аз ҳисоби соҳибкорон дар қаламрави мамлакат 863 иншоот ва 27 нерӯгоҳи барқи обии хурд сохта, ба истифода дода шуд ва беш аз 17 ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил гардид.

Ин амалҳои неку созандаи соҳибкорон шоистаи таҳсин буда, сохтору мақомоти давлатӣ дар навбати худ вазифадоранд, ки ташаббусҳои бахши хусусиро дар самти ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ҳамаҷониба дастгирӣ намоянд.

Итминони комил дорам, ки субъектҳои соҳибкорӣ дар баробари ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ ва ҷойҳои нави корӣ анъанаҳои неки дастгирии ятимону маъюбон, расонидани кӯмак ба эҳтиёҷмандон, баргузории тӯйҳои дастаҷамъона ва дигар амалҳои хайру эҳсонкориро мунтазам идома медиҳанд.

Ҳаллу фасли маҷмӯи масоили зикргардида барои беҳдошти сифати хизматрасониҳои иҷтимоӣ, тавсеаи бозори меҳнат ва шуғли аҳолӣ, рушди нерӯи инсонӣ ва дар маҷмӯъ ба беҳтар гардидани сатҳу сифати зиндагии мардум мусоидат менамояд.

Дар ин радиф, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати таъмини иҷрои Фармони Президенти Тоҷикистон «Дар бораи эълон намудани мораторий ба ҳама намуди санҷишҳои субъектҳои фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» тадбирҳои мушаххас андешида, дар мӯҳлати кӯтоҳтарин лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро ба Ҳукумати мамлакат пешниҳод намояд.

Ҳамзамон бо ин, Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ бояд ҷиҳати беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ ва рушди соҳибкорӣ, аз байн бурдани монеаҳои маъмурӣ чораҳои дахлдор андешида, ҷараёни татбиқи ислоҳот ва иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, ки ба дастгирии бахши хусусӣ равона гардидаанд, таҳти назорати қатъӣ қарор диҳад.

Дар самти дастгирии рушди соҳибкории истеҳсолӣ дар баробари чораҳои андешидашуда то ҳол механизми татбиқи пурраи бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ бо усули «Равзанаи ягона» таъмин нагардидааст.

Бинобар ин, ба Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи андоз ва Агентии омор супориш дода мешавад, ки ҷиҳати ҳалли масъалаи мазкур чораҳои судманд андешанд.

Тибқи маълумоти Кумитаи андоз дар аввали соли ҷорӣ дар миқёси мамлакат 201 ҳазор адад субъектҳои хоҷагидор ба қайд гирифта шудааст, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2010-ум 54,6 ҳазор адад ё беш аз 37 фоиз зиёд гардидааст.

Бояд зикр намуд, ки дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзҳои бонкии дар маҷмӯъ ба мизоҷон додашуда 4,7 миллиард сомониро ташкил намуда, нисбат ба соли 2010-ум 25 фоиз зиёд шудааст. Маблағи қарзҳои хурд низ 31 фоиз ва аз он қарзҳои ба ноҳияҳои дурдасти кӯҳистон додашуда 28 фоиз афзудаанд.

Аз ҷониби дигар, гарчанде ки ҳамасола ҳаҷми қарзҳои ба субъектҳои соҳибкорӣ пешниҳодшаванда зиёд шудааст, вале ҳанӯз дар масъалаи дастрасии маблағҳои қарзӣ мушкилоти муайян ба мушоҳида мерасанд.

Аз ин рӯ, бо дарназардошти зарурати дастгирии рушди соҳибкории истеҳсолӣ ва ташкили ҷойҳои нави корӣ ба Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратӣ тавсия дода мешавад, ки ҷиҳати сабук намудани дастрасии қарзҳо, хусусан қарзҳои дарозмуддат барои ташкили корхонаҳои истеҳсолӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

Мо доим таъкид мекунем, ки рушди соҳаи саноат, истифодаи иқтидорҳои мавҷуда, ташкили корхонаҳои нав ва ба ин восита ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ ҳадафи асосии Ҳукумати кишвар мебошад.

Вале истеҳсоли молҳои саноатӣ ҳоло ҳам талаботро қонеъ гардонида наметавонад. Тибқи маълумот аз 882 корхонаи саноатии ҳисоботдиҳанда дар соли 2011-ум 335 корхона (38 фоиз) афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро нисбат ба соли 2010-ум таъмин накардааст, аз ҷумла 90 корхонаи саноатӣ умуман фаъолият набурдааст.

Бо мақсади таъмини рушди устувори соҳа ба Вазорати энергетика ва саноат якҷо бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зарур аст, ки:

- ҷиҳати таъсиси корхонаҳои нави саноатии коркарди ашёи хоми маҳаллӣ ва истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ тибқи барномаҳои қабулшуда тадбирҳои таъхирнопазир андешанд;

- доир ба масъалаҳои барқарорсозии корхонаҳои азкормонда, сарфи назар аз шакли моликияти онҳо, бунёди корхонаҳои коркарди маъдан, барқарорсозии саноати сабук ва хӯрокворӣ, масолеҳи сохтмон, инчунин ташкил ва густариши фаъолияти корхонаҳои хурду миёнаи коркарди металлҳо ва сангҳои қиматбаҳову ороишӣ ҳамаи захираву имкониятҳоро сафарбар созанд;

- ҷиҳати сохтмони иншооти энергетикӣ, хатҳои интиқоли барқ, татбиқи чорабиниҳо барои кам кардани талафоти энергия ва сарфаи он, амалӣ намудани барномаҳои ислоҳоти соҳа, вусъат бахшидани корҳо оид ба азхудкунии конҳои истихроҷи нафту газ ва истифодаи тамоми захираву имкониятҳо вобаста ба таъминоти кишвар бо маводи сӯзишвориву нерӯи барқ чораҷӯйӣ намоянд.

Ҳамзамон бо ин, ҷараёни татбиқи барномаҳои рушди соҳаро таҳлилу баррасӣ намуда, иҷрои саривақтии онҳоро таъмин созанд.

Масъалаи дигари мубрами рӯз маданияти заминдорӣ, истифодаи самараноки замин ва ба ин васила таъмин намудани амнияти озуқаворӣи мамлакат мебошад. Тибқи маълумот ҳамасола ҳазорҳо гектар замин аз гардиши кишоварзӣ берун монда, ба заминҳои партов мубаддал мегарданд. Аз ҷониби дигар, истифодаи ғайримақсадноки замин дар маҳалҳо то имрӯз ба мушоҳида мерасад. Дар натиҷа то ҳанӯз талаботи бозори истеъмолии кишвар бо маводи озуқаворӣи истеҳсоли дохилӣ пурра таъмин нагардидааст.

Вобаста ба ин, вазоратҳои кишоварзӣ, мелиоратсия ва захираҳои об якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки ҷиҳати азхудкунии заминҳои нав, беҳтар намудани ҳолати мелиоративӣ ва истифодаи дурусту самараноки ҳар як ваҷаб замин ва дар як сол гирифтани ду-се ҳосил мунтазам чораҷӯйӣ намоянд. Таъкид месозам, ки аз як қитъаи замини обӣ гирифтани ду-се ҳосил бояд як амали ҳатмӣ бошад.

Бояд зикр намуд, ки таъмини амнияти озуқаворӣ яке аз ҳадафҳои стратегии миллиамон ба ҳисоб меравад, вале то ба ҳол на ҳама имкониятҳои мавҷуда пурра истифода шуда истодаанд. Ҷиҳати ҳалли масъалаҳои таъмини амнияти озуқаворӣ, таъмини бозори истеъмолӣ бо молҳои дохилӣ ва баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии мардум зимни сафарҳои кории худ ба шаҳру ноҳияҳои кишвар як қатор дастуру супоришҳои мушаххас дода шудаанд, ки аз иҷрои саривақтии онҳо ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодии аҳолӣ вобастагии калон дорад.

Дар ин замина, ба вазоратҳои кишоварзӣ, мелиоратсия ва захираҳои об якҷо бо сохторҳои дахлдор ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ супориш дода мешавад, ки:

- ҷиҳати татбиқи саривақтии барномаҳои қабулгардидаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ ва барномаҳои соҳавӣ, истифодаи оқилонаи захираҳои обу замин, инчунин таъмини рушди соҳаҳои кишоварзӣ бо роҳи истифодаи технологияҳои муосир ва дар ин асос зиёд намудани истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва пурра таъмин намудани талаботи кишвар ба маводи озуқаворӣи истеҳсоли ватанӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

- вобаста ба афзун намудани истеҳсоли картошка дар мамлакат ва дар давоми ду-се соли наздик ба як миллион тонна расонидани он ва ба ин васила пурра таъмин кардани талаботи дохилӣ ва содироти он ба хориҷи кишвар чораҳои зарурӣ андешанд;

- фаъолияти хоҷагиҳои тухмипарварӣ ва дар робита ба он рушди илми кишоварзиро мавриди таҳлил қарор дода, ҷиҳати беҳтар намудани кори онҳо дар самти таъмини хоҷагиҳои кишоварзии мамлакат бо тухмии аълосифат чораҷӯйӣ намоянд;

- оид ба рушди соҳаи паррандапарварӣ ва дар давоми се соли наздик пурра таъмин намудани талаботи бозори истеъмолии кишвар бо маҳсулоти истеҳсоли худӣ чораҳои зарурӣ андешанд;

- бо дарназардошти зиёдшавии захираҳои об дар фаслҳои зимистону баҳори соли ҷорӣ ҷиҳати анҷом додани соҳилмустаҳкамкунӣ ва дигар корҳои зарурӣ барои пешгирии эҳтимолияти офатҳои табиӣ дар ҳамбастагӣ бо Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ омодагӣ бинанд;

- иҷрои саривақтии дастуру супоришҳоеро, ки зимни сафарҳои Президенти кишвар ба шаҳру ноҳияҳои мамлакат дода шудаанд, таъмин кунанд.

Дар давоми се соли охир бо мақсади ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ ва таъмини оилаҳои ҷавону эҳтиёҷманд тавассути қарорҳои Ҳукумати мамлакат дар шаҳру ноҳияҳои кишвар беш аз 25 ҳазор гектар заминҳои наздиҳавлигӣ барои сохтмони манзили истиқоматӣ ҷудо карда шудаанд. Инчунин ҷиҳати таъмини эҳтиёҷоти экологӣ, кӯчонидани аҳолӣ аз минтақаи зериобшаванда ва муаллимону ҳарбиён қариб 800 гектар замин ҷудо шудааст.

Бинобар ин, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки вобаста ба масъалаҳои тақсимоти саривақтиву одилонаи заминҳои наздиҳавлигӣ ба оилаҳои воқеан эҳтиёҷманд тадбирҳои мушаххас андешанд.

Ба Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ зарур аст, ки якҷо бо вазорату идораҳои марбута ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои сари вақт ба ҳолати воқеии заминҳо мутобиқ кардани намуди ба расмият даровардашудаи кадастри онҳо, бо сертификати ҳуқуқи истифодаи замин таъмин намудани шаҳрвандоне, ки ба онҳо барои ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ замин ҷудо карда шудааст, чораҷӯйӣ намояд.

Ҳамчунин Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезӣ дар ҳамкорӣ бо Прокуратураи генералӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи қонунгузории замин тадбирҳои қатъӣ андешад.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Соли гузашта мо ба бисёр шаҳру ноҳияҳои мамлакат сафарҳои корӣ доштем ва дар ҷараёни мулоқоту вохӯриҳои худ бо мардуми заҳматкаши минтақаҳои гуногуни кишвар, ки дар фазои бисёр самимона доир гардиданд, ҷиҳати таъмини рушди минбаъдаи шаҳру ноҳияҳо ва ҳаллу фасли мушкилоту масъалаҳои ҷойдошта дастуру супоришҳо дода шуданд.

Бинобар ин, роҳбарони вазорату идораҳои мамлакат, хусусан масъулони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки барои иҷрои дастуру супоришҳои додашуда, пеш аз ҳама дар самти ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, қабули шаҳрвандон ва баррасӣ намудани арзу муроҷиатҳои онҳо таваҷҷуҳи ҷиддӣ ва доимӣ зоҳир намуда, доир ба рафъи саривақтии проблемаву норасоиҳои мавҷуда мунтазам чораҷӯйӣ намоянд.

Хотирнишон бояд кард, ки аз ҷониби Ҳукумати кишвар самтҳои стратегии рушди иқтисоди миллӣ муайян гардида, барномаҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавӣ тасдиқ карда шудаанд. Вале ҷараёни иҷрои онҳо аз ҷониби вазорату идораҳо, инчунин дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷавобгӯйи талабот намебошад.

(Идома дар саҳ. 3)





# Вилояти Суғд - намунаи ибрат

**18 январи соли 2012 таҳти раёсати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар Эмомалӣ РАҲМОН маҷлиси васеи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Дар маҷлиси васеъ роҳбарият ва аъзои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулони Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳбарони вазорату идораҳо, ташкилоту муассисаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои инвеститсионӣ, мактабҳои олӣ, бонкҳо ва дигар шахсони даъватшуда иштирок намуданд.

Дар маҷлис натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии кишвар дар соли 2011 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта, вазифаҳо барои соли равон муайяну мушаххас карда шуд.

Дар оғози маҷлис оид ба натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ дар соли 2011 ҳисоботи Сарвазири кишвар Оқил Оқилов шунида шуд. Аз ҷумла зикр гардид, ки ҳаҷми Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 30,1 миллиард сомонӣ расид, ки нисбат ба соли 2010-ум 5,4 миллиард зиёд аст. Афзоиши воқеии Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба 7,4 фоиз расид. Ба буҷети давлатӣ бошад 8,5 миллиард сомонӣ маблағ ворид шуд. Таваррум ба 9,3 фоиз расид. Барои дастгирии бештари рушди соҳибкории хусусӣ 5,9 миллиард сомонӣ қарзҳои бонкӣ ҷудо гардид, ки 49 фоизи он ба соҳибкорони истеҳсолӣ дода шудааст.

Сипас, роҳбарони вазорату идораҳои бахши иқтисодӣ, аз ҷумла Вазорати рушди иқтисод ва савдо, Агентии омор, Вазорати молия, Кумитаи андоз, Хадамоти гумрук, Бонки миллӣ ва Бонки давлатии амонатгузории Тоҷикистон «Амонатбонк» шунида шуд. Таваҷҷуҳи махсус ба беҳсозии механизми ҳисоби Маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, сатҳи таваррум, баҳисобгирии шумораи муҳоҷирони меҳнатӣ, иҷрои нақшаи тадбирҳо оид ба воридшавии Тоҷикистон ба Созмони Ҷаҳонии Савдо, иҷрои босифати буҷет, фаъол намудани шабакаи ягонаи электронии миёни сохторҳои молия, андоз, гумрук ва БДАТ «Амонатбонк» зоҳир карда шуд.

Бо қаноатмандӣ зикр гардид, ки дар соли 2011 ҳаҷми пасандозҳои мардум 32,1фоиз афзуда, шумораи пасандозгузорандагон танҳо дар БДАТ «Амонатбонк» 110 ҳазор нафар зиёд шудааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ РАҲМОН ба роҳбарони вазорату идораҳои мазкур доир ба беҳтар намудани фаъолияти онҳо супоришҳои мушаххас дод. Аз ҷумла дастур дода шуд, ки то охири семоҳаи якуми соли равон лоиҳаи Кодекси нави андоз ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шавад.

Зимни ҳисоботи прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шерхон Салимзода ба роҳбарони сохторҳои марбута доир ба пурзӯр намудани мубориза бо ҷинояткорӣ, хусусан ҷиноятҳо дар миёни наврасону ҷавонон супоришҳои мушаххас дода шуд.

Дар ҳисоботи раиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки соли гузашта зимни 1335 тафтишу санҷиш ба андозаи 107,2 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор шуда, 75,5 миллиони он баргардонда шуд.

Сипас, ҳисоботи роҳбарони Вазорати энергетика ва саноат, ШСХК «Барқи Тоҷик», роҳбарони корхонаҳои бузурги саноатӣ, марказҳои татбиқи лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ ва Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ шунида шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ РАҲМОН ба роҳбарони сохторҳои дахлдори давлатӣ дастур дод, ки барои соҳибкорони дохилию хориҷии истеҳсолӣ, ки технологияҳои муосир ворид сохта, ҷойҳои нави корӣ бунёд менамоянд, бо бартарафсозии монеаҳои бюрократӣ ва додани имтиёзҳо тамоми шароити зарурӣ муҳайё карда шавад.

Нимаи дуюми рӯз ҳисоботи роҳбарони вазоратҳои нақлиёт, кишоварзӣ, маориф, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, тандурустӣ, Кумитаи дин, Кумитаи телевизион ва радио, Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ, Хадамоти алоқа ва раисони вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ шунида шуд.

Сарвари давлат Эмомалӣ РАҲМОН ҳолати роҳҳои миёни шаҳру ноҳияҳо ва маҳаллиро ғайриқаноатбахш номида, дастур дод, ки барои ислоҳи ин ҳолат тадбирҳои судбахш андешида шаванд.

Таъкид гардид, ки ба истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ ҳамаҷониба кӯмак расонда шавад.

Доир ба бартарафсозии камбудиҳои ҷиддии соҳаҳои маориф, тандурустӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ низ супоришҳои мушаххас дода шуд, аз ҷумла оид ба беҳсозии сифати таълиму тарбияи насли наврас, ба низом даровардани тартиби таъини нафақаи маъюбӣ, беҳ намудани сифати хизматрасонии тиббӣ ва муомила бо беморон, таъмини пахши пурраи барномаҳои телевизион дар тамоми қаламрави кишвар, тарбияи хуби варзишгарони соҳибистеъдод ва ғайра.

Зимни ҳисоботи раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон Қодири Қосим, аз ҷумла иттилоъ дода шуд, ки имсол дар қаламрави вилоят бо харҷи 43 миллион сомонӣ маблағҳои мутамаркази ҷумҳуриявӣ 11 иншооти наву замонавӣ мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифта, бунёди даҳҳо иншооти дигар вусъат хоҳад ёфт.

Сарвари давлат Эмомалӣ РАҲМОН сохторҳои марбутаро вазифадор намуд, ки кишоварзони ин минтақаи дурдастро бо тухмии картошка, ғалладонагиҳо ва дигар маҳсулоти зарурӣ таъмин намоянд. Ҳамчунин доир ба мустаҳкам намудани соҳили рӯду дарёҳо, беҳсозии ҳолати роҳҳо ва хизматрасониҳои дигар ба мардум супоришҳои мушаххас дода шуд.

Раиси вилояти Хатлон Ғайбулло Авзал зимни ҳисоботаш, аз ҷумла иттилоъ дод, ки соли 2011 нақшаи даромадҳо ба буҷети давлатӣ 106 фоиз иҷро гардида, ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ ба 8 миллиарду 51 миллион сомонӣ расид. Тибқи ҳисобот, соли гузашта дар қаламрави вилоят 42 корхонаи нави саноатӣ, аз ҷумла 6 корхонаи пахтатозакунӣ бо 2 ҳазор ҷойи корӣ бунёд ёфтааст. Ҳамагӣ дар вилоят дар ин давра 44, 6 ҳазор ҷойи корӣ муҳайё гардидааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ РАҲМОН аз вазъи як қатор муассисаҳои соҳаи тандурустӣ дар вилояти Хатлон изҳори нигаронӣ карда, дастур дод, ки барои ислоҳи ҳолати мавҷуда як барномаи давлатӣ бо тадбирҳои мушаххасу муассир таҳия ва пешниҳод карда шавад.

Дар вилояти Суғд бошад, тибқи ҳисоботи раиси вилоят Қоҳир Расулзода соли 2011-ум 65 корхонаи нави саноатӣ бо наздики 2 ҳазор ҷойи корӣ ба кор даровaрда шуд ва 65 корхонаи дигар соли равон мавриди баҳрабардорӣ қарор хоҳанд гирифт. Тибқи ҳисобот, маҳз дар натиҷаи ҳамин раванд тайи 3 соли охир ҳиссаи соҳибкорони хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти саноатии вилояти Суғд аз 23 фоиз ба 40 фоиз расидааст.

Нақшаи даромадҳо ба буҷети давлатӣ дар вилояти Суғд соли 2011 ба андозаи 109 фоиз иҷро шудааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ РАҲМОН дастур дод, ки сохтмони оғозёфтаи иншооти сершумор дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва варзиш дар вилояти Суғд зери назорати доимӣ гирифта шавад ва бунёди дигар иншооти иҷтимоӣ вусъат дода шавад.

Президенти кишвар Эмомалӣ РАҲМОН ба раиси вилояти Суғд ва шаҳру ноҳияҳои он барои фаъолияти ибратбахш арзи сипос намуда, ба роҳбарияти Кумитаи телевизион ва радио дастур дод, ки натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии ин минтақаи кишвар тавассути барномаҳои телевизион чун намунаи ибрат намоиш дода шавад.

Ба раисони шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ низ доир ба вусъат додани корҳои созандагию ободонӣ, баланд бардоштани нишондодҳои истеҳсолӣ ва муҳайёсозии ҷойҳои нави корӣ дастуру ҳидоятҳо дода шуд.

Зимни ҳисоботи раиси шаҳри Душанбе Маҳмадсаид Убайдуллоев иттилоъ дода шуд, ки соли гузашта дар пойтахт 18 корхонаи нави саноатӣ бо 300 ҷойи корӣ бунёд ёфт ва ҳоло ҳиссаи соҳибкорони хусусӣ дар маҷмӯи маҳсулоти саноатии пойтахт 58 фоизро ташкил медиҳад.

Сарвари давлат Эмомалӣ РАҲМОН ба роҳбарияти шаҳри Душанбе ва сохторҳои дахлдори ҷумҳуриявӣ дастур дод, ки доир ба тақвият додани тарбияи мактаббачагони синфҳои болоӣ, пурзӯр намудани мубориза бо ҷинояткорӣ ва ҳуқуқшиканиии наврасону ҷавонон тадбирҳои муассир андешанд.

Зимни суханронии ҷамъбастии худ Президенти кишвар Эмомалӣ РАҲМОН натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷумҳуриро дар соли 2011 мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода, вазифаҳои минбаъдаро барои таъмини рушди бонизому бемайлони иқтисодиёту иҷтимоиёт муайяну мушаххас намуд.

Аз ҷумла таъкид карда шуд, ки суръату вусъати корҳои созандагию бунёдкории соли 2011 бадастомада дар соли равон бояд боз ҳам бештар гардад.

***www.prezident.tj***

(Идома аз саҳ. 1, 2)

# Ватан аз мову шумо кору пайкори содиқона ва амалҳои неку созандаро интизор аст

Бинобар ин, ба Дастгоҳи иҷроияи Президенти кишвар супориш дода мешавад, ки иҷрои саривақтии дастуру супоришҳо, амру фармонҳои Президент ва қарорҳои Ҳукумати мамлакатро зери назорати қатъӣ қарор диҳад.

Зеро рушди иқтисодии мамлакат ва ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ аз иҷрои саривақтии барномаҳои соҳавӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда вобастагии калон дорад.

Аз ин лиҳоз, вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки барои ҳалли масъалаҳои мавҷуда тартибот ва интизоми иҷроияро қатъиян риоя намоянд.

Дар шароити кунунӣ бунёди иншооти гидроэнергетикӣ, роҳу пулҳо ва дигар сохтмонҳои азим, инчунин фаъолгардонии имкониятҳои дохилӣ барои ҳалли масъалаҳои рушди минбаъдаи кишварамон аҳамияти аввалиндараҷа ва стратегӣ дорад.

Ҳамин аст, ки дар асоси татбиқи ҳадафи стратегиамон дар самти раҳоӣ додани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таҷдиди бунёди роҳҳои автомобилгард дар мамлакат дар соҳаи нақлиёт татбиқи 13 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ ба маблағи 4,9 миллиард сомонӣ идома дорад. Дар доираи лоиҳаҳои мазкур азнавсозиву таҷдид ва сохтмони роҳу пулҳои аҳамияти байналмилалидошта амалӣ гардида истодааст. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки таъмиру азнавсозии роҳҳои маҳалливу байнимintaқавии мамлакат ҳамчун масъалаи ҳалталаб боқӣ мемонад.

Аз ин лиҳоз, Вазорати нақлиётро зарур аст, ки:

- якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо истифода аз сарфаи маблағҳо ва имконияту воситаҳои мавҷуда ҷиҳати бунёду барқарорсозӣ ва нигоҳдории роҳҳои дохиливу байнишаҳрӣ дар кишвар чораҳои муассир андешанд;

- дар ҳамбастагӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати беҳтарсозии хизматрасониҳои нақлиётӣ оид ба мусофиркашонӣ дар шаҳру ноҳияҳо ва барқарорсозии фаъолияти терминалҳои нақлиёти мусофирбар чораҷӯӣ намоянд;

- якҷо бо Корхонаи воҳиди давлатии «Роҳи оҳани Тоҷикистон» ва вазорату идораҳои дахлдор чараёни корҳои сохтмони хати роҳи оҳани Ваҳдат – Ёвонро суръат бахшанд;

- назорати сифати корҳои иҷрошавандаро ҳангоми татбиқи лоиҳаҳои таҷдиди шабакаҳои коммуникатсионӣ пурзӯр намуда, шаффофият ва сарфаи маблағҳоро таъмин намоянд, инчунин оид ба нигоҳдории роҳҳои автомобилгард, тараққӣ додани ҳамлу нақли байналмилалӣ ва баланд бардоштани иқтидори транзитии кишвар ҷиҳати бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ тадбирҳои иловагӣ андешанд.

**Хадамоти алоқа вазифадор аст, ки насби як миллион адад телефонҳои хонагиро тезонида, дар навбати аввал оилаҳои камбизоат ва дигар шахсони эҳтиёҷмандро бо алоқаи телефонӣ таъмин созад.**

Агентии стандартизатсия, метрология, сертификатсия ва нозироти савдо бо мақсади рушди соҳибкории ватанӣ, ҷорӣ намудани низоми нави назорати сифати маҳсулот ҳангоми воридоти он ба кишвар ва дар корхонаҳои истеҳсолӣ тибқи меъёрҳои байналмилалӣ, инчунин вобаста ба амалӣ намудани марҳилаи аввали ислоҳоти Стратегияи инфраструктураи сифат ва низоми танзими техникӣ чораҳои зарурӣ андешад.

Агентии сохтмон ва меъморӣ бояд ба сифати корҳои лоиҳакашиву сохтмонӣ ва самаранокии татбиқи онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, лоиҳаи биноҳои истиқоматиро аз пойтахти мамлакат сар карда вобаста ба талаботи замон такмил намояд ва ба масъалаҳои истифодаи васеи унсурҳои меъмории миллӣ, насби технологияҳои каммасрафи барқӣ ва назорати муаллифӣ эътибори ҷиддӣ диҳад.

Ҳамчунин зарур аст, ки ҷараёни иҷрои корҳои сохтмонро зери назорати доимӣ қарор дода, доир ба пешгирии қонунвайронкуниву изофанависӣ мунтазам чораҷӯӣ карда шавад.

Тавре ки борҳо зикр намудаем, беҳдошти сатҳи зиндагӣ ва расонидани кӯмакҳои суроғавии иҷтимоӣ ба гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор дорад.

Аз ин рӯ, Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар вазорату идораҳои дахлдор вазифадоранд, ки:

- масъалаҳои ҳимояи гурӯҳҳои ниёзманди аҳолӣ, хусусан хизматрасонии иҷтимоии маъюбону иштирокчиёни ҷанг ва собиқадорони меҳнат, суръат бахшидан ба ислоҳоти нафақа, ҷорӣ намудани тартиби ихтиёрии нафақаи суғуртавии ҷамъшаванда, ташкили низоми суғуртакунонии ихтиёрии муҳоҷирони меҳнатӣ, асоснокии коҳиш додани шумораи коргарони кироя ва таъмини афзоиши музди меҳнати онҳоро дар субъектҳои хоҷагидор мавриди баррасӣ ва чораҷӯӣ қарор диҳанд;

- ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолии қобили меҳнати бекор ва таъсиси ҷойҳои кории нав лоиҳаи барномаи дахлдорро таҳия ва пешниҳод намоянд.

Ҳарчанд ки дар як сол 135 ҳазор ҷойи нави корӣ ташкил карда шудааст, вале ин талаботро пурра қонеъ гардонида наметавонад ва вазифаи асосии тамоми мақомоти давлатӣ ташкил кардани ҷойҳои нави корӣ мебошад. Бинобар ин, роҳбарони мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадор карда мешаванд, ки оид ба таъмини иҷрои супориши мазкур ҳар семоҳа ба Ҳукумати мамлакат ҳисобот пешниҳод намоянд.

Хадамоти алоқа вазифадор аст, ки насби як миллион адад телефонҳои хонагиро тезонида, дар навбати аввал оилаҳои камбизоат ва дигар шахсони эҳтиёҷмандро бо алоқаи телефонӣ таъмин созад.

Хадамоти муҳоҷиратро зарур аст, ки якҷо бо вазоратҳои корҳои хориҷӣ, меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва дигар сохторҳои марбута масъалаҳои ба низом даровардани раванди муҳоҷирати меҳнатӣ ва таъмини ҳуқуқу кафолатҳои меҳнативу иҷтимоии муҳоҷирони меҳнатиро мунтазам мавриди баррасӣ қарор дода, чораҳои судмандро амалӣ намоянд.

Бояд қайд намуд, ки маориф ва тандурустӣ аз ҷумлаи соҳаҳои бунёдӣ ва шарти муҳими рушди минбаъдаи нерӯйи инсонии ҷомеа ва давлат мебошанд. Ҳукумати мамлакат ҳамасола ба масъалаи таъмиру барқарорсозӣ ва бунёди муассисаҳои таълимӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва сармоягузорони ватаниву хориҷӣ садҳо иншооти нав бунёд намуда истодааст, вале то ҳол проблемаи таъмини хонандагон бо ҷойи нишаст пурра ҳалли худро наёфтааст.

Бинобар ин, ба Вазорати маориф супориш дода мешавад, ки:

- бо мақсади истифодаи сарфакоронаи маблағҳои буҷетӣ, роҳ надодан ба такрори ихтисосҳо, тарбияи мутахассисони касбӣ вобаста ба талаботи бозори меҳнат ва афзалиятҳои рушди иқтисоди миллӣ, инчунин сифатан беҳтар намудани асосҳои кадрии муассисаҳои таълимӣ ва илмии кишвар якҷо бо Вазорати рушди иқтисод ва савдо барномаи мақсаднoки тайёр намудани мутахассисони дорои таҳсилоти олии касбиро барои солҳои 2013-2020 таҳия ва пешниҳод намояд;

- дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо мақсади баланд бардоштани сифати таълиму тарбия дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ, тарбияи хонандагон дар рӯҳияи арзишҳои миллӣ ва дунявӣ, муайян намудани хонандагони болаёқат ва тайёр намудани онҳо барои интихоби бошууронаи касб, таҳкими заминаи моддиву техникӣ, таъмини мактабҳо бо омӯзгорони соҳибкасб, ба ҷойи кор ҳозир шудани мутахассисони ҷавон ва фароҳам овардани шароити мусоиди моддиву маишии онҳо чораҳои зарурӣ андешад;

- якҷо бо Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷиҳати беҳтар намудани сифати таълиму тарбия, шароити зист, вазъи саломативу шароити иҷтимоӣ, инчунин баъди хатми таҳсилоти миёна ва олии касбӣ бо кор таъмин намудани ятимону маъюбон ва тарбиягирандагони мактаб - интернатҳо чораҳои иловагиро амалӣ намояд;

- ҷиҳати баланд бардоштани сифати таълим ва гузаронидани мониторинги сифати таълим дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, рейтинги донишандӯзии толибилмон, тайёр намудани мутахассисони ҷавобгӯй ба талаботи бозори меҳнат, таъсиси технопаркҳо, тақвияти корҳои тарбиявӣ, мустаҳкам намудани пояи моддиву техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таъмини онҳо бо кадрҳои унвони илмидошта чораҳои амалӣ андешад;

- якҷо бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо доир ба бунёди муассисаҳои томактабии нав ва таъмиру таҷдиди кӯдакистонҳои мавҷуда чӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва чӣ бо ҷалби имкониятҳои бахши хусусӣ чораҷӯӣ намояд.

Тибқи маълумот дар мамлакат ҳамагӣ 488 кӯдакистон фаъолият дошта, дар он 6,2 ҳазор кӯдакону наврасон тарбия гирифта истодаанд. Дар вилоятҳои Суғд 197 кӯдакистон, Хатлон 105, шаҳри Душанбе 108, ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 59 ва дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 19 кӯдакистон фаъолият дорад.

Вазорати тандурустӣ вазифадор аст, ки ҷиҳати беҳтар намудани сатҳи хизматрасониҳои тиббиву санитарӣ ба аҳолӣ, рушди кӯмаки аввалияи тиббӣ, таъмини муассисаҳои табобатӣ бо дорувории хушсифат ва таҷҳизоти муосири тиббӣ, инчунин баланд бардоштани дараҷаи тахассуси мутахассисон чораҳои зарурӣ андешад.

Махсус таъкид месозам, ки вазъи соҳаи тандурустӣ дар яке аз вилоятҳои калонтарин ва сераҳолии мамлакат – вилояти Хатлон бисёр ногувор мебошад, ки инро хулосаи чор гурӯҳи кории бо супориши Роҳбари давлат ба вилоят фиристодашуда низ тасдиқ мекунад. Бинобар ин, ба Вазорати тандурустӣ, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва шаҳру ноҳияҳои он, дигар вазорату идораҳо ва сохтору мақомот зарур аст, ки доир ба ислоҳи вазъи бавуҷудомада ва рафъи норасоиву мушкилоти мавҷуда чораҳои ҷиддӣ ва фаврӣ андешанд.

Вазорати фарҳанг ва кумитаҳои дин, занон, ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Тоҷикистон бояд бо мақсади дастгирии истеъдодҳои ҷавон, баланд бардоштани маърифату ҷаҳонбинӣ, таҳкими ҳисси худшиносиву ватандӯстии ҷавонон, эҳтироми суннату арзишҳои неки фарҳанги миллӣ ва арҷгузорӣ ба арзишҳои умумибашарӣ, пешгирӣ кардани гароиши наврасону ҷавонон ба ҷараёну равияҳои бегона ва тарғиби тарзи ҳаёти солим чораҳои доимӣ амалӣ намоянд. Мақомоту сохторҳои мазкур якҷо бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ доир ба беҳтар намудани фаъолияти қасру клубҳои фарҳангӣ, марказҳои ҷавонон дар шаҳру ноҳияҳо, таъмиру таҷҳизонидани онҳо бо асбобу таҷҳизоти зарурӣ, баргузор намудани чорабиниҳои фарҳангиву фароғатӣ, маъракаҳои оммавию таблиғотӣ ва мусобиқаву чорабиниҳо тадбирҳои мунтазам андешида, ҳамзамон бо ин, дар бобати дастгирии ташаббусҳои ҷавонон дар самти тақвияти фаъолияти соҳибкорӣ чораҷӯӣ намоянд.

Инчунин Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳӣ вазифадор аст, ки дар ҳамкорӣ бо дигар сохтору мақомот ҷиҳати ташкили инфраструктураи туризм ва тақвияти рушди соҳа ҳамчун соҳаи афзалиятнок чораҷӯӣ намояд.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки иҷрои супоришҳои ҳангоми мулоқоти Президенти кишвар бо варзишгарон додашуда бояд таҳти назорати доимии ҳамаи мақомоти давлатӣ қарор дошта бошад.

Бо дарназардошти он ки дар масъалаи пахши барномаҳои телевизиону радиои марказӣ дар бисёр ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолинишини дурдасти кӯҳистон, хусусан вилояти Суғд, то ҳанӯз мушкилоти зиёд ҷой дорад, Кумитаи телевизион ва радио вазифадор аст бо ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои рафъи ин мушкилот тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.

**Ҳозирини мӯҳтарам!**

Дар давоми соли гузашта мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар ҷиҳати пешгириву ошкор кардани ҷинояткорӣ ва мубориза бо аъмоли қонуншиканӣ хеле корҳои муассирро ба анҷом расониданд. Дар натиҷа сатҳу сифати ошкор кардани ҷиноят ва таъмини ҳатмии ҷавобгарии гунаҳкорон беҳтар гардида, кушодашавии онҳо дар ин давра 5 фоиз зиёд шудааст.

**Бо дарназардошти он ки дар масъалаи пахши барномаҳои телевизиону радиои марказӣ дар бисёр ноҳияҳо ва маҳалҳои аҳолинишини дурдасти кӯҳистон, хусусан вилояти Суғд, то ҳанӯз мушкилоти зиёд ҷой дорад, Кумитаи телевизион ва радио вазифадор аст бо ҳамкории мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ барои рафъи ин мушкилот тадбирҳои заруриро амалӣ намояд.**

Дар баробари ин, чунонки таҳлилҳо нишон медиҳанд, то ҳанӯз ҳолати мубориза бо ҷинояткории муташаккилона, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, амалҳои коррупсионӣ ва кирдорҳои террористиву экстремистӣ ба талаботи рӯз мутобиқ намебошад.

Ҳамчунин таъкид бояд кард, ки риояи қатъии қонуният ва таъмини волоияти қонун, роҳ надодан ба сӯиистифода аз мансаби хизматӣ, беэътиноӣ ва кашолкорӣ дар фаъолияти баъзе мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва шахсони мансабдори ҳифзи ҳуқуқ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ, аз ҷумла ҷамоатҳои шаҳраку деҳот ва ташкилоту корхонаҳо, ки бевосита бо мардум сарукор доранд, яке аз шартҳои зарурӣ ва муҳими оромии ҷомеа мебошад. Вале, мутаассифона, маълумоту далелҳо шаҳодат медиҳанд, ки то ҳанӯз дар масъалаи истифодаи мақсаднoки маблағҳои буҷет, тақсимоти замин, риояи қонунҳо оид ба муҳофизати меҳнат, ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва дигар самтҳо саҳлангориву хунукназарӣ ва беэътиноии баъзе роҳбарон ва шахсони масъул ба мушоҳида мерасад, ки чунин омилҳо боиси халалдор шудани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон ва давлату ҷомеа мегарданд.

Тибқи маълумоти мақомоти прокуратура ва Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия дар натиҷаи ин амалҳои номатлуб ба давлат ва ташкилоту корхонаҳо ба маблағи қариб 310 миллион сомонӣ зарари молиявӣ расонида шудааст, ки 182 миллион сомонии он маблағҳои буҷети давлатӣ мебошанд.

Илова бар ин, ҳолатҳои қабули қарорҳои ғайриқонуниву беасос доир ба ҷудо намудани замин, аз як гурӯҳ ба гурӯҳи дигар гузаронидани заминҳо аз тарафи раисони баъзе шаҳру ноҳияҳо ва истифодаи ғайримақсаднoки маблағҳои буҷетӣ то ба ҳол зиёд мушоҳида мегарданд. Соли гузашта мақомоти прокуратура ба 770 қарори раисони шаҳру ноҳияҳо, ки аз ин шумора 620 қарор вобаста ба замин аст, эътироз овардаанд.

Аз ин рӯ, Прокуратураи генералӣ, Вазорати корҳои дохилӣ, кумитаҳои давлатии амнияти миллӣ, заминсозӣ ва геодезӣ, агентиҳои назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва назорати маводи нашъаовар, инчунин судҳоро зарур аст, ки дар ҳамкорӣ бо вазорату идораҳо ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ чораҳои таъхирнопазири зеринро амалӣ намоянд:

- ҷиҳати таъмини волоияти қонун, риояи қатъии қонуният ва таҳкими интизоми касбии кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва дигар мақомоти давлатӣ, бахусус мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо, тадбирҳои мушаххас андешида, масъулияти онҳоро барои поквиҷдонона иҷро намудани вазифаҳои хизматӣ баланд бардоранд;

- барои таъмини ҳифзи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд, пешгириву ошкор намудан ва мубориза бо ҷиноятҳои муташаккилонаи трансмиллӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, хариду фурӯши одамон, коррупсия ва дигар ҷиноятҳои махсусан вазнин аз тамоми воситаҳои қонунӣ самаранок истифода намоянд.

**Мӯҳтарам аъзои Ҳукумат!**
**Ҳозирини гиромӣ!**

Кӯшишу талошҳои пайгиронаи Ҳукумати мамлакат дар раванди таъмини рушди устувор на танҳо ба ниёзу талаботи имрӯзаи мардуми кишвар равона гардидаанд, балки ба таъмини шароити зиндагии сазовор барои наслҳои минбаъда низ нигаронида шудаанд.

Зеро наслҳои оянда рушди минбаъдаи кишварро танҳо дар заминаи таҳкурсии боэътимоде, ки имрӯз бунёд мегардад, таъмин карда метавонанд.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат ба шумо – аъзои Ҳукумат, роҳбарону масъулони соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии мамлакат, роҳбарони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо вазифаҳои ниҳоят масъулиятнокро вогузор намуда, умед дорад, ки ҳар кадоматон барои ободии Ватан, рушди босуботи иқтисодиву иҷтимоӣ ва беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум садоқатмандона хизмат мекунед.

Вобаста ба ин, бори дигар таъкид месозам, ки иҷрои вазифаҳои гузошташуда ба таъмини ҳадафҳои стратегӣ ва таҳкими соҳибистиқлолии кишварамон мусоидат мекунад.

Соли ҷорӣ низ дар ҳаёти сиёсиву иҷтимоии мамлакат соли муҳим маҳсуб мегардад. Зеро имсол мо бистсолагии Иҷлосияи таърихии XIV Шӯрои Олӣ ва понздаҳсолагии Рӯзи ваҳдати миллиро, ки санаҳои барои мардуми тоҷик сарнавиштсоз мебошанд, таҷлил менамоем.

Итминон дорам, ки ҳар яки шумо иҷрои вазифаву масъулияти ба зимаатон вогузоршударо минбаъд низ бо ҳисси баланди масъулиятшиносӣ ва нангу номуси ватандорӣ таъмин менамоед.

Фаромӯш набояд кард, ки Ватан ва мардуми Тоҷикистон аз мову шумо - ҳозирини мӯҳтарам, тақозо дорад, ки бо кору пайкори содиқона ва амалҳои неки созандаи худ барои рушди минбаъдаи иҷтимоиву иқтисодии мамлакат, беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии мардум ва таҳкими истиқлолияти кишвари азизамон саҳми арзандаи хешро дареғ надорем.

Бо чунин ниятҳои нек ба шумо барори кор ва ба мардуми шарифи Тоҷикистон иқболи баланд орзу менамоям!

**Ҳамеша саломату комёб бошед!**

(Идома аз саҳ. 1)

# ТАСВИБИ СОЗИШНОМАҲО ҲАМКОРИҲОИ БАЙНИДАВЛАТИРО ТАҚВИЯТ МЕБАХШАНД

Созишномаи мазкур тибқи Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2011 ба Кумитаи Маҷлиси намояндагон оид ба тартиботи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният, дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон барои хулоса ва ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ фиристода шуд.

Созишномаи мазкур 16 июни соли 2011 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия имзо гардида, бо мақсади ҳимояи низомҳои миллии молиявӣ аз унсурҳои вобаста ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм миёни Тарафҳои аҳдкунанда ба тасвиб расидааст.

Созишнома аз муқаддима ва 14 модда иборат буда, дар он мақсаду вазифаҳои асосии ташкилоти минтақавии байниҳукуматии Гурӯҳи ЕвроОсиё асосан дар доираи барномаи мутақобилаи давлатҳои аъзо дар заминаи 40+9 Тавсияи ташкили низоми самаранoки муқовимат ба қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм муайян шудаанд.

Дар созишнома мақомоти олии Гурӯҳи ЕвроОсиё ҷаласаи умумӣ, Раис, Котиботи Гурӯҳи ЕвроОсиё ва салоҳияти онҳо, тартиби дохил шудан ба узвияти Гурӯҳи ЕвроОсиё, иштирок намудан дар фаъолият ва кори он, инчунин ҳуқуқи давлати аъзои Гурӯҳи ЕвроОсиё набуда, барои иштирок ба сифати нозир (мақоми нозир) дар кори ин ташкилот, дарҷ шудааст.

Ғайр аз ин, дар созишнома масъалаҳои маблағгузории Гурӯҳи ЕвроОсиё, ки он мутобиқи Низомнома дар бораи тартиби ташкил ва иҷрои буҷети Тарафҳои аҳдкунанда ташаккул ва иҷро мегарданд ва масъалаҳои забони корӣ, ҳалли баҳсҳо байни Тарафҳо, тартиби мӯҳлати амал ва эътибор пайдо намудани созишнома, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он ва дигар масъалаҳои ба созишнома алоқаманд муқаррар шудааст.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон созишномаи зикршударо мавриди баррасӣ қарор дода, онро ҷонибдорӣ намуда, доир ба он хулоса пешниҳод карданд. Рӯзи 4 январи соли 2012 дар ҷаласаи васеи Кумита масъалаи мазкур баррасӣ шуд ва иштирокчиёни ҷаласа созишномаи мазкурро мавриди муҳокима қарор дода, онро ҷонибдорӣ карданд.

Созишномаи мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат надорад.

Дар асоси гуфтаҳои боло аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки ҷиҳати тасдиқи созишномаи мазкур овоз диҳед.

*Дар хусуси тасдиқи созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** - «Дар бораи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Маҳсуддинович дода мешавад.



**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» пешниҳод карда мешавад.

Мақсади созишномаи мазкур ин бартараф намудани андозбандии дукарата аз даромад ва сармоя ва афзун гардонидани гардиши савдои байнидавлатӣ, рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Люксембург мебошад.

Эътибор пайдо кардани созишномаи мазкур имконият медиҳад, ки андозбандии даромад, амвол, музди меҳнат ва сармояи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, резидентҳо дар ҳар ду давлат ба танзим дароварда шавад, ки ин ба инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ, зиёдшавии сармояи хориҷӣ, таъсисёбии корхонаҳои нав оид ба коркарди ашёи хом мусоидат хоҳад намуд.

Муқаррароти созишномаи мазкур дар доираи талаботи модели Конвенсияи байналмилалӣ нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармоя (OECD) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда, дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Созишномаи мазкур бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН аз 1 июни соли 2011 таҳти №1076 маъқул дониста шуда, баъдан дар рафти сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакатҳои Аврупо 9 июни соли 2011 дар шаҳри Люксембург ба имзо расонида шудааст.

Мувофиқи тартиби амалкунанда Конвенсияи мазкур бояд аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) гардад ва аз санаи мубодилаи тасдиқномаҳо эътибор пайдо кунад.

Аз ин лиҳоз, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қарори мазкурро ҷонибдорӣ ва тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Ҷабборов Домуллоҷон Ҳоҷиевич дода мешавад.

**Домуллоҷон ҶАББОРОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя, ки 9 июни соли 2011 дар шаҳри Люксембург ба имзо расидааст ва аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2012 таҳти №991 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.



Созишномаи мазкур рушди ҳамкориҳоро байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Люксембург дар соҳаи савдо, фарҳанг ва илмию техникӣ, инчунин ба ҷалби сармоягузории мутақобила мусоидат мекунад.

Мақсади созишнома ин таъмин намудани шароитҳое, ки дар доираи он шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии давлатҳои аҳдкунанда метавонанд аз як намуди даромад ва моликият танҳо дар яке аз давлатҳои аҳдкунанда андозбандӣ карда шаванд. Созишнома кафолат медиҳад, ки ба маҳдудкунии андоз роҳ дода нашавад, тартиби баррасии мурoҷиатҳо, аризаҳои андозсупорандагон, бартараф намудани баҳсҳо, инчунин масъалаҳои табодули иттилоотро байни мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аҳдкунанда ба танзим медарорад, усулҳои бартараф намудани андозситонии дукаратаро муайян намояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳои пешниҳодкардаи худ Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармояро ҷонибдорӣ намуданд.

Рӯзи 9 январи соли 2012 дар ҷаласаи васеи Кумита бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи созишномаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқи онро мувофиқи мақсад шумориданд.

Санади мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ» мувофиқ буда, ба санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, бо дарназардошти хулосаҳои дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишнома байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Герсогии Бузурги Люксембург оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармояро ҷонибдорӣ намуда, баррасии онро дар Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мешуморад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки созишномаи мазкурро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Дар бораи тасдиқи созишномаи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

**РАИС:** -«Дар бораи Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» сухан ба вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон Наҷмуддинов Сафаралӣ Маҳсуддинович дода мешавад.

**Сафаралӣ НАҶМУДДИНОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат ва вакилони Маҷлиси намояндагон!**

Ба баррасии шумо лоиҳаи Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя» пешниҳод гардидааст.

Мақсади қабули Конвенсияи мазкур ин бартараф намудани андозбандии дукарата аз даромад ва сармоя ва афзун гардонидани гардиши савдои байнидавлатӣ, рушди минбаъдаи ҳамкориҳои иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва фарҳангӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия мебошад.

Эътибор пайдо кардани Конвенсияи мазкур имконият медиҳад, ки андозбандии даромад, амвол, музди меҳнат ва сармояи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ, резидентҳо дар ҳар ду давлат ба танзим дароварда шавад, ки ин ба инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ, зиёдшавии сармояи хориҷӣ, таъсисёбии корхонаҳои нав оид ба коркарди ашёи хом мусоидат хоҳад намуд.

Муқаррароти Конвенсияи мазкур дар доираи талаботи модели Конвенсияи байналмиллалӣ нисбат ба андозҳо аз даромад ва сармоя (OECD) аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон маъқул дониста шуда, дар кумитаҳои Маҷлиси намояндагон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Конвенсияи мазкур бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН аз 1 июни соли 2011 таҳти №1075 маъқул дониста шуда, баъдан дар рафти сафари расмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мамлакатҳои Аврупо 7 июни соли 2011 дар шаҳри Вена ба имзо расонида шудааст.

Мувофиқи тартиби амалкунанда Конвенсияи мазкур бояд аз ҷониби Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ (ратификатсия) гардад ва аз санаи мубодилаи тасдиқномаҳо эътибор пайдо кунад.

Аз ин лиҳоз, мӯҳтарам вакилони Маҷлиси намояндагон, аз шумо эҳтиромона хоҳиш менамоем, ки лоиҳаи Қарори мазкурро ҷонибдорӣ ва тасдиқ намоед.

**РАИС:** - Аз рӯйи ин масъала сухан ба узви Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия Расулов Ашӯрбег Раҳматуллоевич дода мешавад.

**Ашӯрбег РАСУЛОВ: - Мӯҳтарам Раис, Раёсат, вакилони арҷманд ва ҳозирини гиромӣ!**

Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармоя, ки 7 июни соли 2011 дар шаҳри Вена ба имзо расида, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, бо Қарори Шӯрои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 январи соли 2012 таҳти №992 барои хулоса ба Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, кумитаҳои дигари Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва барои гузаронидани экспертизаи ҳуқуқӣ ба шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида шуда буд.



Конвенсияи мазкур санади ҳуқуқии байналмилалии комплексӣ буда, қоидаҳоро нисбати андозбандии фоида (даромад) аз фаъолияти тиҷоратӣ, ҳамлу нақли байналмилалӣ, дивидендҳо, фоизҳо, роялтӣ, даромадҳои аз бегона кардани моликият, кироякорӣ, барои хизматрасониҳои касбӣ, нафақапулӣ, даромадҳои ба дастовардаи варзишгарон, рӯзноманигорон, омӯзгорон, олимон, донишҷӯён, таҷрибаомӯзон ва ғайраро дар бар мегирад.

Мақсади Конвенсия ин таъмини шароитҳое, ки дар доираи он шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии давлатҳои аҳдкунанда метавонанд аз як намуди даромад ва моликият танҳо дар яке аз давлатҳои аҳдкунанда андозбандӣ шаванд.

Конвенсияи зикргардида рушди ҳамкориҳоро байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия дар соҳаи савдо, фарҳанг ва илмию техникӣ, инчунин ба ҷалби сармоягузории мутақобила мусоидат мекунад.

Конвенсия кафолат медиҳад, ки ба маҳдудкунии андоз роҳ дода нашавад, тартиби баррасии мурoҷиатҳо ва аризаҳои андозсупорандагон, бартараф намудани баҳсҳо, инчунин масъалаҳои табодули иттилоотро байни мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аҳдкунанда ба танзим медарорад, усулҳои бартараф намудани андозситонии дукаратаро муайян менамояд.

Кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хулосаҳои пешниҳодкардаи худ Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармояро ҷонибдорӣ намуданд.

Рӯзи 9 январи соли 2012 дар ҷаласаи васеи Кумита бо иштироки намояндагони ҳамаи кумитаҳо, шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, намояндаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқи Конвенсияи мазкурро мавриди баррасӣ қарор дода, тасдиқи онро мувофиқи мақсад шумориданд.

Санади мазкур ба Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи шартномаҳои байналмилалӣ» мувофиқ буда, ба санадҳои байналмилалӣ ҷавобгӯ мебошад.

Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба иқтисод ва молия, бо дарназардошти хулосаҳои дигар кумитаҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шӯъбаи ҳуқуқи Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармояро ҷонибдорӣ намуда, баррасии онро дар Иҷлосияи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи мақсад мешуморад.

Аз шумо, вакилони арҷманд, эҳтиромона хоҳиш менамоям, ки Конвенсия байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Австрия оид ба канорагирӣ аз андозбандии дукарата ва пешгирӣ намудани саркашӣ аз супоридани андозҳо аз даромад ва сармояро ҷонибдорӣ намуда, ба тарафдории он овоз диҳед.

*Доир ба тасдиқи Конвенсияи мазкур Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардид.*

***Ҷумъахон НАБОТОВ,***
***Аъзам МӮСОЕВ,***
***«Садои мардум».***
***Суратгир Аҳлиддин ИСОЕВ***

(Идома дар шумораи оянда)

# КОРХОНАИ ВОҲИДИ ДАВЛАТӢ ОИД БА ТАШКИЛИ ФУРӮШИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ КУМИТАИ ДАВЛАТИИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ИДОРАИ АМВОЛИ ДАВЛАТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## Озмуни №3-ро оид ба иҷора супоридани амволи давлатӣ 9 феврали соли 2012 баргузор менамояд

| т/р | Мавқеи ҷойгиршавии объекти иҷора | Суроға | Тавзеҳоти объекти иҷора | Таъинот | Нархи ибтидоии солонаи объекти иҷора | Мӯҳлати иҷора |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Коллеҷи техникӣ | ш. Душанбе, к. Айнӣ 41 | 1 толори варзишӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 197 м.м. | варзишӣ | 2547 | 1 сол |
| 2 | Ҷамъияти саҳомии навъи кушодаи «Матбуот» | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 37 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 12,6 м.м. | савдо | 2379 | 1 сол |
| 3 | КВ «Экспедитсияи ҷустуҷӯйӣ ва аксбардории геологӣ» | ш. Душанбе, к. М. Турсунзода 25 | 3 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 88 м.м. | маъмурӣ | 18575 | 1 сол |
| 4 | Қитъаи наклиётии КВД «Садаф» | ш. Хуҷанд, минтақаи саноатии шимолу шарқӣ | 9 утоқи корӣ, 1 коргоҳи истеҳсолӣ, 3 адад анборхона, масоҳаташ 1008 м.м. | истеҳсолӣ | 24322 | 1 сол |
| 5 | КВД КТН «Шарқи Озод» | ш. Душанбе, х. С. Шерозӣ 16 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 9-ум, масоҳаташ 22,6 м.м. | маъмурӣ | 2980 | 1 сол |
| 6 | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | аз ҳисоби ҳудуди корхона 5 м.м. | савдо | 2623 | 1 сол |
| 7 | Корхонаи фаръии «Почтамти Душанбе» | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 57 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 8 м.м. | маъмурӣ | 3634 | 1 сол |
| 8 | Ширкати давлатии суғуртавии «Тоҷиксармоягузор» | ш. Душанбе, к. Лоҳутӣ 6 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 30,5 м.м. | маъмурӣ | 4058 | 1 сол |
| 9 | Муассисаи давлатии «Муҳофизати растаниҳо ва химикунонии кишоварзӣ» | ш. Душанбе, к. Гипрозем 16 | 3 утоқи корӣ дар таҳхонаи бино, масоҳаташ 98,95 м.м. | маъмурӣ | 2349 | 1 сол |
| 10 | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Хуҷанд, к. Ленин 47/1 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 121 м.м. | истеҳсолӣ | 3090 | 1 сол |
| 11 | Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 135 | 1 утоқи корӣ, масоҳаташ 14,29 м.м. | хӯроки умумӣ | 983 | 1 сол |
| 12 | Коллеҷи тиббии ҷумҳуриявии Вазорати тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон | ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 135 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 4-ум, масоҳаташ 17,9 м.м. | таълимӣ | 1079 | 1 сол |
| 13 | Маркази миллии тиббӣ | ш. Душанбе, к. И. Сомонӣ 59 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 24 м.м. | савдо | 3625 | 3 сол |
| 14 | Маркази техникии телевизион ва радио | ш. Душанбе, к. Беҳзод 7а | 1 толори калон дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 300 м.м. | хӯроки умумӣ | 3636 | 1 сол |
| 15 | Комбинати полиграфии ш. Душанбе | ш. Душанбе, к. Айнӣ 126 | 1 толори истеҳсолӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 405 м.м. | истеҳсолӣ | 7207 | 3 сол |
| 16 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хуҷанд» | ш. Хуҷанд 15, к. Фурӯдгоҳ | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 3-юм, масоҳаташ 29,35 м.м. | савдо | 6053 | 1 сол |
| 17 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | масоҳати 3,4 м.м. аз ҳисоби толори бинои фурудгоҳ | савдо | 1665 | 1 сол |
| 18 | МД «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» | ш. Душанбе, к. А. Навоӣ 5/1 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм, масоҳаташ 18 м.м. | маъмурӣ | 1436 | 1 сол |
| 19 | Комбинати полиграфии ш. Душанбе | ш. Душанбе, к. Айнӣ 126 | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 20 м.м. | истеҳсолӣ | 1210 | 1 сол |
| 20 | КВД «Ширкати Алюминийи Тоҷик» | ш. Турсунзода | 2 утоқи корӣ дар ошёнаи 2-юм аз ҳисоби бинои ЦБП-2, масоҳаташ 62,5 м.м. | истеҳсолӣ | 3714 | 1 сол |
| 21 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | 3 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-уми аэровокзал, масоҳаташ 51,89 м.м. | маъмурӣ | 14519 | 1 сол |
| 22 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-уми бинои ХХБ (МВЛ), масоҳаташ 4,56 м.м. | маъмурӣ | 1505 | 1 сол |
| 23 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хоруғ» | ш. Хоруғ | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 12,15 м.м. | маъмурӣ | 3400 | 1 сол |
| 24 | ҶСШК «Заводи таъмири механикӣ» | ш. Ваҳдат, участкаи 2, д. Эскигузар | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 18 м.м. | савдо | 860 | 1 сол |
| 25 | Идораи Бозрасии давлатии автомобилии ВКД ҶТ | ш. Душанбе, к. Ҷ. Расулов 69 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 9 м.м. | маъмурӣ | 2430 | 1 сол |
| 26 | Маркази миллии ташхис | ш. Душанбе, к. Деҳотӣ 48 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 10,8 м.м. | истеҳсолӣ | 1731 | 1 сол |
| 27 | Стансияи байторӣ оид ба мубориза алайҳи бемориҳои ҳайвонот дар ш. Душанбе | ш. Душанбе, к. Қаҳҳоров 33 | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 6,1 м.м. | савдо | 724 | 1 сол |
| 28 | Бинои буғхона (котельная) | ш. Душанбе, к. Назаршоев 49 | 1 утоқи корӣ аз ҳисоби бинои буғхона, масоҳаташ 12,7 м.м. | савдо | 1708 | 1 сол |
| 29 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Душанбе» | ш. Душанбе, к. Титов 32/2 | масоҳати 3,4 м.м. аз ҳисоби толори бинои фурудгоҳ | ҷойгиркунии реклама | 1194 | 2 сол |
| 30 | ҶСК «Фурудгоҳи байналмилалии Хоруғ» | ш. Хоруғ | 1 утоқи корӣ дар ошёнаи 1-ум, масоҳаташ 12,15 м.м. | ҷойгиркунии реклама | 12149 | 2 сол |

Қабули дархостҳо барои иштирок кардан дар озмун ва ба қайд гирифтани иштироккунандагон аз рӯзи нашр шудани эълони мазкур дар шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 44 оғоз ёфта ва як соат пеш аз саршавии озмун анҷом меёбад.

Ҷойи баргузоршавии озмун- **ш.Душанбе, хиёбони Рудакӣ 44.**

Тел: **221-73-74, 221-33-66.**

Озмун **соати 11⁰⁰** баргузор мегардад.

Пардохти кафолатнок барои иштирок кардан дар озмун ба даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо барои як объект баробар аст.

Пардохти кафолатнок тариқи накдӣ ба кассаи Корхона ё ғайринақдӣ ба суратҳисоби Корхона супорида мешавад.

Дар холати ғолиб баромадан иҷорагир ба ҳисоби Корхона боҷи комиссиониро ба андозаи 5 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби Корхона ва боҷи давлатиро ба андозаи 0,1 фоиз аз ҳаҷми иҷорапулии солона ба суратҳисоби дахлдор пардохт менамояд, ки ин маблағҳо ба арзиши объекти иҷора дохил намешаванд. Ғолиби озмун он касе дониста мешавад, ки нархи аз ҳама баландро пешниҳод кунад.

Маълумоти иловагиро оид ба гузаронидани озмун бо нишонии зерин: ш.Душанбе, х.Рӯдакӣ 44, тел: 221-33-66, 221-49-87, 221-73-74 ва сомонаи интернетии Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон **WWW.GKI.TJ** гирифтан мумкин аст.

# ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дафтарчаи имтиҳонии №82/06-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.Осимӣ соли 2006 ба Усмонов Бахтиёр додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии № 12/03-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. Осимӣ соли 2003 ба Нурматов Мақсудҷон Салохиддинович додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи ТШТУ, №0012240-и гумшуда, ки онро гимназияи №2-юми шаҳри Турсунзода соли 2005 ба Элмуродов Мансур Хаймуродович додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии № 08-04/02-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон 21 августи соли 2008 ба Воҳидов Маҳмудҷон додааст, эътибор надорад.

***

Билети донишҷӯйии №08-323/02-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи славянии Россияву Тоҷикистон 21 августи соли 2008 ба Парвизи Ғайрат додааст, эътибор надорад.

***

Варақаҳои ҷамъоварии андози замин ва амволи ғайриманқули шакли 3 (се)-и №№ 0018235, 0018236, 0018237, 0018238, 0018239, 0018240, 0018241, 0018242, 0018243, 0018244, 0018245, 0018246, 0018247, 0018248, 0018249, 0018250-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 2 ноябри соли 2011 ба Ҷамоати шаҳраки Шарораи ноҳияи Ҳисор додааст, эътибор надорад.

***

Шиносномаи шаҳрвандии А 4375030-и гумшуда, ки онро ШКД-и Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоби вилояти Хатлон 8 июни соли 2007 ба Самадов Мустафо Файзуллоевич додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ТВ-1 №054660-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон соли 1992 ба Абдуллоев Азизулло Одилович додааст, эътибор надорад.

***

Дафтарчаи имтиҳонии №05105-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Ш. Шоҳтемур соли 2004 ба Зоиров Мудҳило Файзалиевич додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи ДТО №0020497 бо қайди №29-и гумшуда, ки онро Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино 22 июни соли 2006 ба Шаҳбоз Аҳмадзода додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома барои бақайдгирӣ оид ба супорандаи андоз аз арзиши иловашудаи силсилаи И01 №002511-и бо РЯМ 0110005005 ва РМА 010017860-и гумшуда, ки онро Нозироти андози шаҳри Душанбе 31 августи соли 2010 ба ҶДММ «Ибн Синомед» додааст, эътибор надорад.

***

Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0008760 бо РЯМ 0930002361 ва РМА 095363305-и гумшуда, ки онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 17 сентябри соли 2009 ба Рабиев Зубайдулло Кароматович додааст, эътибор надорад.

***

Шартномаи хариду фурӯши № 8Д² – 4 – 1009-и гумшуда, ки онро Идораи давлатии нотариалии ноҳияи Сино (собиқ Фрунзе)-и шаҳри Душанбе бо суроғаи кӯчаи Тунис 4, ҳуҷраи 68-и ноҳияи Синои шаҳри Душанбе 28 апрели соли 1993 ба Холова Гулбибӣ Тиллоевна додааст, эътибор надорад.

***

Номаи камоли силсилаи ГТС № 0026898-и гумшуда, ки онро мактаби таҳсилоти миёнаи умумии № 35 (собиқ № 81)-и ноҳияи Рӯдакӣ (собиқ Ленин) соли 1996 ба Мирзоқулова Муқаддасхон Исмоиловна додааст, эътибор надорад.

***

Дипломи силсилаи Е, № 464728-и гумшуда, ки онро Литсейи касбии металлургии шаҳри Турсунзода соли 1990 ба Абдуқодиров Абдуваҳоб додааст, эътибор надорад.

***

Сертификати ҳуқуқи истифодабарии замин дараҷаи А №129257-и гумшуда, ки онро Кумитаи давлатии заминсозӣ ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 майи соли 2006 ба Дӯстов Рустамхон додааст, эътибор надорад.

# ЭЪЛОН

ҶДММ Ширкати металлургии «Анзоб», воқеъ дар шаҳраки Зарафшон – 1, ноҳияи Айнии вилояти Суғд маълум менамояд, ки мутобиқи қарори муассиси ягона аз 21 ноябри соли 2011 фонди оинномавӣ, ки дар тӯли сол шакл гирифтааст, баъди бақайдгирии давлатӣ кам карда мешавад.

Даъвоҳои қарздорон, ки бо санад тасдиқ шудааст, давоми 30 рӯз пас аз интишори эълон бо нишонии: Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ноҳияи Айнӣ, шаҳраки Зарафшон – 1 E- mail: amco – rt @ list. ru метавонанд пешниҳод намоянд.

# БАРҲАМ МЕХӮРАД

Шаҳрванд Эшонқулов Абдуқаҳор Бобобекович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии № 0188910 бо РЯМ 0930056802 ва РМА 037213442 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Ҳисор 15 ноябри соли 2011 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Шаҳрванд Шарипов Ҳамидулло Гурезович, ки соҳиби Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии №0022506 бо РЯМ 0330004107 ва РМА 037103547 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи Фирдавсии шаҳри Душанбе 2 апрели соли 2009 додааст, фаъолияти соҳибкориашро қатъ менамояд.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Лоранж», воқеъ дар ноҳияи Синои шаҳри Душанбе, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии № 0045827 бо РЯМ 0210005217 ва РМА 040025955 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 26 июни соли 2008 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

ҶДММ «Вектор Плюс», дорои РМА 010020159, РЯМ 0110001236 барҳам мехӯрад.

Ҳамаи арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

***

Ширкати соҳибмулкони манзили «Рӯдакӣ-164/3», воқеъ дар ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе, ки дорои Шаҳодатнома дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ бо РМА 020026080 мебошад ва онро Нозироти андози ноҳияи И. Сомонии шаҳри Душанбе 20 майи соли 2010 додааст, фаъолияташро қатъ мекунад.

Ҳама арзу шикоят давоми як моҳ қабул карда мешавад.

Роҳбарият ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мушовири калони Раиси Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қилич Ҳурматов бинобар даргузашти

**МОДАРКАЛОН ВА АММААШ**

изҳори тасаллият менамоянд.

Роҳбарият ва кормандони Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муовини мудири шӯъбаи умумии Дастгоҳи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Шаҳло Сафарова нисбати вафоти

**ПАДАРАШ**

изҳори ҳамдардӣ ва тасаллият менамоянд.

## БЮЛЛЕТЕНИ ХАРИДИ ДАВЛАТӢ

# БА ТАВАҶҶУҲИ МОЛРАСОНУ ПУДРАТЧИЁН!

## Даъватномаи иштирок дар озмуни харид

Комиссияҳои муштараки озмуни хариди **Агентии хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон** (минбаъд – мақоми Ваколатдор, суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, кӯчаи Шота Руставели 22, тел: 221-47-03, 223-11-80) ва ташкилотҳои Харидор довталабони салоҳиятдорро барои иштирок дар озмунҳои хариди номгӯйи зерини мол, кор ва хизматрасонӣ, ки дар як давр гузаронида мешаванд, даъват менамоянд:

| т/р | Ташкилоти Харидор | Ному насаб ва телефони шахси масъул | Предмети харид | Воҳиди ченак | Миқдор | Сана ва вақти кушодани лифофаҳо |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 68/4-7 | Маркази саломатии ноҳиявии н. Рӯдакӣ | Р. Каримов 221-47-03 | Ангиштсанг | тонна | 50 | 31.01.2012 соати 9⁰⁰ |
| 69/1-10 | Хадамоти шиносномавию бақайдгирии ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон | А. Садуллоев 227-66-60 | Молҳои гуногун | номгӯй | 10 | 31.01.2012 соати 9³⁰ |
| 70/2-48 | Шӯъбаи маорифи н. Сино | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи ғизойӣ | номгӯй | 4 | 3.02.2012 соати 9⁰⁰ |
| 71/2-49 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3, шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Доруворӣ | номгӯй | 123 | 31.01.2012 соати 10⁰⁰ |
| 72/2-50 | Беморхонаи клиникии шаҳрии №3, шаҳри Душанбе | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи ғизойӣ | номгӯй | 17 | 31.01.2012 соати 10³⁰ |
| 73/2-51 | Мактаб-интернати низомаш махсуси ҷумҳуриявии н. Ҳисор | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Маводи ғизойӣ | номгӯй | 27 | 31.01.2012 соати 11⁰⁰ |
| 74/3-6 | Муассисаи давлатии истифодабарии роҳҳои н.Сино | Ф. Абдураҳмонов 227-65-78 | Васл намудани овезаҳо (плакатҳо) | номгӯй | 3 | 31.01.2012 соати 13³⁰ |

1. Довталабон барои гирифтани ҳуҷҷатҳои тендерӣ ва маълумоти иловагӣ дар бораи тендер метавонанд ба мақомоти Ваколатдор ба суроғаи дар боло зикршуда муроҷиат намоянд.
2. Довталабоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, баъди супоридани ҳаққи бебозгашт, ҳуҷҷатҳои тендерии худро дар лифофаҳои мӯҳркардашуда, ба суроғаи дар боло зикршуда то вақти дар сутуни **«Сана ва вақти кушодани лифофаҳо»** муайяншуда пешниҳод намоянд. Мӯҳлати муқарраршуда мӯҳлатест, ки баъди анҷоми вақт аз довталабон пешниҳодот қабул карда намешавад.
3. Лифофаҳо бо пешниҳодоти довталабон аз ҷониби комиссияҳои муштарак тибқи тартиби муқарраргардида кушода мешаванд. Намояндагони довталабон ҳуқуқ доранд, ки дар раванди озмун иштирок намоянд.




Конститутсия-кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун
Садои мардум

САРМУҲАРРИР Ҷумъахон НАБОТОВ

«САДОИ МАРДУМ» - ба забони тоҷикӣ. Муассис - Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзнома ба тарзи офсет дар КВД КТН «Шарқи озод», хиёбони Саъдии Шерозӣ 16, чоп шудааст.

ИНДЕКСИ ОБУНА - 68852

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ: Неъматулло Солеҳов, Абдулмаҷид Муродов, Аъзам Мӯсоев, Тилло Некқадамов, Далер Мерганов, Бурҳониддин Каримов

Дар «Садои мардум» ба хотири чандандешагӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад. Ҳаҷми мавод (ғайр аз мақолаҳои расмӣ ва супоришӣ) бояд аз шаш саҳифаи дуинтервалӣ зиёд набошад. Дастнависҳо ва суратҳо ба муаллифон пас гардонида намешавад.

НИШОНИИ МО: ш.Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ 16. ТЕЛЕФОНҲО: қабулгоҳ - 238-53-71; Сармуҳаррир -238-56-03, факс- 221-36-04; муовини якум, роҳбари шабакаи мухбирони махсус- 238-53-56; муовин - 238-54-52 ; котиби масъул - 238-59-32; муҳаррири шӯъбаи иқтисодиёт ва иҷтимоиёт - 238-58-95; муҳаррири шӯъбаи сохтори давлатӣ, қонунгузорӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ - 238-52-97; шӯъбаи маънавиёт, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва низоми кор - 238-58-93; муҳаррири шӯъбаи номаҳо, ахбор, муносибатҳои байнипарлумонӣ ва робита бо ҷомеа - 238-58-91; муҳосиб - 238-53-49; шӯъбаи эълон -238-54-57; мухбирони махсус дар Хуҷанд - 91-700-48-02, ВМКБ - 93-592-70-46, Қӯрғонтеппа - 91-931-11-61, Кӯлоб - 95-166-90-72, Рашт - 98-537-88-60, Истаравшан 2-61-08. ПОЧТАИ ЭЛЕКТРОНИИ МО: sadoimardum@yandex.ru

Рӯзномаи «Садои мардум» 29 октябри соли 2010 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз нав сабти ном шуд. Рақами қайд 0005/рз

Ба чопаш 20 январи соли 2012, соати 14.00 иҷозат дода шуд. Адади нашр 25984 нусха

Навбатдори шумора А. Мӯсоев

Тарроҳони компютерӣ И. Самохин ва Н. Исмоилова